Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №43 (2870) | ҶУМЪА, 13 АПРЕЛИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## Қарори

### ҷаласаи муҳокимаи ошкорои парламентӣ «Оид ба иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010 - 2011 вобаста ба татбиқи Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 2010 – 2012»

Ҷаласаи муҳокимаи ошкорои парламентӣ масъаларо «Оид ба иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010 - 2011 вобаста ба татбиқи Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 2010 – 2012» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

1. Гузориши раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон М. Т. Ҷабборова «Оид ба иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010 - 2011 вобаста ба татбиқи Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 2010 – 2012» ба маълумот гирифта шавад.

2. Гузориши раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Неъматов, муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. Соҳибов «Оид ба иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010 - 2011 вобаста ба татбиқи Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 2010 – 2012» ба маълумот гирифта шавад.

3. Тавсияҳои ҷаласаи муҳокимаи ошкорои парламентӣ, бо назардошти таклифу дархостҳо ва пешниҳодҳои воридгардида, қабул карда шаванд (замима мегарданд).

4. Гузориш оид ба масъала ва тавсияҳои ҷаласаи муҳокимаи ошкорои парламентӣ ба вазорату идораҳои давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои чораҷӯйӣ ирсол карда шавад.

5. Тавсияҳои ҷаласаи муҳокимаи ошкорои парламентӣ дар рӯзномаи «Садои мардум» чоп карда шаванд.

**Раисикунандаи ҷаласаи муҳокимаи ошкорои парламентӣ**
**муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ШАБОЗОВ**
**ш. Душанбе, 6 апрели соли 2012 №5**

## Тавсияҳои муҳокимаи ошкорои парламентӣ

### «Оид ба иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010 – 2011 вобаста ба татбиқи Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 2010 - 2012» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №372 аз 2 июли соли 2009)

Муҳокимаи ошкорои парламентӣ масъаларо «Оид ба иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010 – 2011 вобаста ба татбиқи Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 2010 - 2012» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №372 аз 2 июли соли 2009) баррасӣ намуда, ҷиҳати босамар татбиқ намудани барнома, равнақ бахшидан ба самтҳои асосии кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молия, Вазорати иқтисод ва савдо, Вазорати маориф, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳои зеринро пешниҳод менамояд:

1. Бо мақсади иҷрои бомароми барнома вобаста ба амалӣ намудани сиёсати давлатии ҷавонон:

- Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 2013-2015, бо дарназардошти муҳокимаи парламентии мазкур, таҳия ва амалӣ гардонида шавад;
- хароҷотҳои банақшагирифташудаи Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» дар ҳаҷми пурра аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ маблағгузорӣ карда шаванд;
- механизмҳои ташкилӣ ва маблағгузории сиёсати давлатии ҷавонон дар кишвар, ки ҳамчун соҳаи сиёсати иҷтимоӣ пазируфта шудааст, марҳила ба марҳила такмил дода шавад;
- феҳристи ягонаи байнисоҳавии хароҷоти буҷет барои таъмини хароҷоти муассисавӣ дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон таъсис дода шуда, ташкили воҳидҳои корӣ оид ба татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот амалӣ карда шавад;
- оид ба масъалаҳои дастгирии оилаҳои ҷавон, ҷудо намудани қитъаҳои замин барои сохтмони манзилҳои истиқоматӣ дар маҳалҳо, пешниҳод намудани қарзҳои имтиёзнок ба ҷавонон бо мақсади тавсеа ва рушди соҳибкорӣ тадбирҳои амалӣ андешида шаванд;
- барои сохтмони марказҳои ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳо ва ба ихтиёри соҳа гузаронидани марказҳои фарҳангии ҷавонон, ки то ҳол дар тавозуни дигар идораю ташкилотҳо қарор доранд, чораҳо андешида шаванд.

2. Гузориш оид ба масъала ва тавсияҳои ҷаласаи муҳокимаи ошкорои парламентӣ ба вазорату идораҳои давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои чораҷӯйӣ ирсол карда шуда, оид ба иҷрои он то охири соли равон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ахбори муфассал пешниҳод гардад.

3. Назорати иҷрои тавсияҳои муҳокимаи ошкорои парламентӣ ба зиммаи Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон гузошта шавад.

● Аз Паём то Паём

## Татбиқи Паём муносибати сатҳиро намепазирад



**Паёми ҳарсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба мақоми олии қонунгузори кишвар - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз рӯйдодҳои муҳим маҳсуб ёфта, аз ҷониби коршиносон ҳамчун омили мусоидаткунандаи рушди ҷомеа эътироф шудааст, зеро татбиқи нуктаҳои ин ҳуҷҷати сарнавиштсоз замина фароҳам меорад, ки пешрафти соҳаҳо таъмин ва рӯзгори мардум боз ҳам беҳбудӣ ёбад. Мутаассифона, на ҳама масъулини вазорату идораҳо ва ташкилоту муассисаҳо дар самти татбиқи Паём фаъоланд. Мушоҳидаҳо гувоҳанд, ки қисме аз бандҳои ин ҳуҷҷати муҳим то ҳанӯз иҷронашуда боқӣ мондаанд. Хушбахтона, муассисаҳое низ ҳастанд, ки ба шарофати иҷрои самараноку саривақтӣ ва ба дастури фаъолият қарор додани ҳуҷҷати мазкур фаъолияташонро бамаротиб беҳбудӣ бахшида, ба дастовардҳои назаррас ноил гаштаанд. Сӯҳбате, ки бо раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, ҳифзи сиҳатӣ, илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати байни ҷавонону занон дар ҷомеа, ректори Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, профессор Убайдулло ҚУРБОНОВ доир намудем, моҳият, раванди иҷро ва дастовардҳои дар заминаи татбиқи Паёми Сардори давлат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ноилгардидаро бозгӯйӣ менамояд.**

**-Убайдулло Абдуллоевич, агар Паёми соли гузаштаро бо паёмҳои солҳои пеш муқоиса намоем, ба мушоҳида мерасад, ки дар қисмати аввали он далелу арқоми зиёд оид ба дастовардҳои давраи соҳибистиқлолӣ ва муқоисаи онҳо бо якдигар мутаносибан бо солҳо пешниҳод шудааст. Ба андешаи шумо, иқдоми мазкур ба кадом омилҳо вобастагӣ дорад?**

-Бояд зикр намуд, ки Паёми соли гузаштаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арафаи истиқболи бистумин солгарди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон пешниҳод гардида буд ва яке аз сабабҳои таҳлили амиқу доманадори пешравиҳо ва муқоисаи онҳо марҳила ба марҳила дар Паём аз ҷониби Сарвари давлат ба ин ҷашн рабт дорад. Ҳамон тавре дар ин ҳуҷҷати муҳим зикр шудааст: «Дар давоми бист соли истиқлолият мо, бо вуҷуди бисёр мушкилоту монеаҳо, таҳкурсии давлати соҳибихтиёрамонро гузоштем ва ба корҳои азими бунёдкориву созандагӣ шурӯъ намудем, таъмини истиқлолияти энергетикӣ, аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳо намудани мамлакат ва ҳифзи амнияти озуқаворӣ онро ба самтҳои стратегияи сиёсати давлат табдил додем, ҷиҳати таҳкиму суботи иқтисодиву иҷтимоӣ дар шароити афзалияти муносибатҳои нави иқтисодӣ ислоҳоти амиқро пайгирона амалӣ карда истодаем». Аз ҷониби дигар, амали мазкур андешаҳои муғризона ва аз ҳақиқати воқеӣ фарсаххо дури як идда «коршиносон»-ро ботил сохта, мардуми шарифи кишварамонро ба муассир будани фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъминии некӯаҳволии онҳо мӯътақид сохт.

**-Шумо роҳбарии Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, ҳифзи сиҳатӣ, илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати байни ҷавонону занон дар ҷомеаро ба зимма доред. Зимни ирсоли Паём масъалаҳои ба бахшҳои мазкур рабтдошта дар маркази диққати Сарвари давлат қарор дошт ва барои вусъат бахшидан ба фаъолияти онҳо дастуру супоришҳои мушаххас низ иброз гардида буд. Оё иҷрои нуктаҳои мазкури Паём ва иқдомоти ба сомонрасонидаи вазорату идораҳои марбута шуморо қаноатманд месозад?**

-Бояд амиқ дарк намуд, ки ба ҳеҷ ваҷҳ андешаронихо бобати ҳуҷҷати муҳиме чун Паём ва иқдомот ҷиҳати иҷрои нуктаҳои он сатҳӣ набошанд, зеро татбиқи ин ҳуҷҷати сарнавиштсоз иқдомоти дастаҷамъона ва ҷиддиро тақозо менамояд. Биноан, масъулин бояд бахри иҷрои нуктаҳои ба раванди фаъолияташон рабтдошта аз имконоти мавҷуда ва неруи ақлонии хеш самаранок истифода намоянд. Бояд зикр кард, ки дар самти иҷрои нуктаҳои ҳуҷҷати фавқуззикр кори зиёд ба сомон расидааст ва онро наметавон нодида гирифт. Масалан, пешравиҳои назаррас дар самти бозомӯзии наврасон, ҷавонон ва калонсолон дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёнаи касбӣ ва марказҳои таълимии калонсолон, боз ҳам пурқувват гаштани заминаи моддиву техникии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, бунёди муассисаҳои нави таълимӣ ва таҷдиду барқароркунии таълимгоҳҳои мавҷуда, дастгирии табақаи осебпазири ҷомеа-ятимон, фарзандони оилаҳои камбизоат, маъюбон ва дигарон, беҳдошти шароити фаъолияти занону ҷавонон ва ғайра ба мушоҳида мерасанд, вале ин ҳаргиз маъно надорад, ки тамоми нуктаҳои Паём дар сатҳу сифати баланд татбиқи худро ёфтаанд. Камбудиҳо зиёданд ва масъулинро мебояд бахри иҷрои ин ҳуҷҷати муҳим ҷаҳду талош намоянд.

**(Идома дар саҳ. 2)**



## Борони сел дар Хуросон

Бар асари боридани жолаву борони шадид ва омадани сел шаби 11-ум ба 12-уми апрели соли равон як қисми маркази ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон зарари ҷиддӣ дид. Борони сел, ки ба канда фаромадани хоки кӯҳи болои маркази ноҳия, фаромадани порасангҳои кӯҳӣ сабаб гардид, устохонаи таъмири мошинҳои дар фурудгоҳ ҷойдоштаро зери сангу лойоба гузошт. Ҳамчунин якчанд хонаи бошандагони маркази ноҳия, ки дар ду тарафи шоҳроҳи Душанбе-Қӯрғонтеппа қарор доштанд, зарар диданд. Замини наздиҳавлигии онҳо зери лойоба монд. Ба қавли бошандагони маҳал талафоти чорво низ ба назар мерасад. Кормандони Бозрасии давлатии автомобилӣ якчанд соат ҳаракати нақлиётро дар шоҳроҳ нигоҳ доштанд, то ки ронандагону нақлиёти онҳо аз хавф эмин бошад. Бо вуҷуди ин, селоба чанд мошинро чаппа карда, аз роҳ баровард. Инҳо мошинҳое буданд, ки бо мақсади таъмир дар назди устохона қарор доштанд.

Бо мақсади рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ аз ҷониби масъулин ситоди фаврӣ ташкил дода шудааст. Дар натиҷаи дидани чораҳои таъҷилӣ, истифодаи техника ва қувваи аҳолӣ дар фурсати кӯтоҳ як қисмати роҳ аз сангу лой тоза карда, ҳаракати нақлиёт ба роҳ монда шуд.

Кормандони Ситоди вилоятии ҳолатҳои фавқулодда, масъулини мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияю вилоят, кормандони милитсия барои рафъи оқибатҳои ин ҳодисаи нохуш кӯмаки худро дареғ надоштанд. Ба зарардидагон ёрию кӯмак расонида шуда, хисороти расида муайян мегардад.

Дар ноҳияи Қумсангир низ бар асари борони шадид, ки рӯзи 10-уми апрел сар зада буд, ду хона вайрон гардида, ба аҳолию хоҷагии халқи ноҳия зарари иқтисодӣ расидааст.

*Давлат СУЛТОНОВ, «Садои мардум»*

## Дар «Ховарон» манзил бунёд мегардад

Ҳафтсаду дувоздаҳ нафар сокини эҳтиёҷманди пойтахт дар асоси қарори марбутаи Раиси шаҳри Душанбе Маҳмадсаид Убайдуллоев дар қасабаҳои (кварталҳои) 14 ва 15-уми маҳаллаи «Ховарон» (Теппаҳои Шарқӣ) бо қитъаҳои замин дар масоҳати 3 садякӣ (0, 03 гектар) ҷиҳати бунёди хонаҳои истиқоматӣ таъмин гардиданд. Аз 712 нафар эҳтиёҷманд 208 нафарашон сокинони ноҳияи Сино, 168 нафарӣ аз ноҳияҳои Шоҳмансур, Фирдавсӣ ва ноҳияи Исмоили Сомонӣ мебошанд.

Вазъи зисти шаҳрвандони эҳтиёҷманд, ки бо қитъаҳои замин таъмин гардиданд, қаблан аз ҷониби комиссияҳои ҷамъиятии ноҳияҳои шаҳри Душанбе шаффоф ва одилона омӯхта шудаанд.

Шавкат Саидов, котиби матбуотии раиси шаҳри Душанбе гуфт, ки таъмини оилаҳои эҳтиёҷманд дар қасабаҳои 14 ва 15-уми маҳаллаи «Ховарон» дар доираи татбиқи Нақшаи генералии шаҳри Душанбе ҷараён гирифтааст. Ҳамзамон мавсуф афзуд, ки алҳол дар сохтори марбутаи шаҳрдорӣ беш аз 25 ҳазор аризаи шаҳрвандон ҷиҳати гирифтани қитъаи замин вуҷуд дорад, ки шаҳрдорӣ алҳол имконияти таъмини тамоми онҳоеро, ки бо ариза муроҷиат кардаанд, надорад.

*АМИТ «Ховар»*

## Конфронси байналмилалӣ дар Москва



**Дувоздаҳуми апрели соли ҷорӣ дар шаҳри Москва Конфронси 9 – уми илмию амалии байналмилалӣ таҳти унвони «Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ - омили наву муҳими таъмини сулҳу суботи фазои АвруОсиё» баргузор гардид.**

Конфронсро Дастгоҳи Шӯрои Федератсияи Маҷлиси федералии Федератсияи Россия ва Котиботи Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ ба ифтихори 20 – солагии Шартномаи Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ ва 10 - солагии САҲА доир намуданд.

Дар конфронс аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сӯҳроб Шарифов ва муовини ректори Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон профессор Раҳмон Ӯлмасов суханронӣ карда, мақоми САҲА – ро дар таъмини амнияти минтақавию миллӣ ва зарурати беҳдошти ҳамкории аъзои САҲА қайд намуданд.

*АМИТ «Ховар»*

● Ба ифтихори Рӯзи пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Душанбе - шаҳри куҳану ҷавон




Агар бигӯем, ки Душанбеи куҳан имрӯз эҳё мешавад, рангу таровати тоза пайдо мекунад, шояд баъзеҳо бовар накунанд. Албатта, ба рушду эҳёву зеботар шуданаш не, балки ба таърихӣ буданаш. Зеро аксари мардуми мо танҳо афсонаи «Деҳаи хурдакаки пурчангу лой»-ро дар бораи Душанбе медонанду халос, аммо, сарчашмаҳои таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки пойтахти дилрабои мо таърихи қадима дорад. Барои мисол, чун аз баҳр қатрае маълумотҳои якчанд сарчашмаҳои илмӣ, таърихиро пешкаши хонандагон мегардонем, то азизон бидонанд, ки маркази имрӯзаи тоҷикони тамоми дунё, шаҳри сулҳу сафо дар гузашта низ шаҳре будааст, на деҳае, ки гӯё дар миёни биёбону кӯҳҳо сохтаанд.

Аввалан мехоҳам зикр намоям, ки замони Шӯравӣ олимону муҳаққиқон шояд, бинобар набудани амри боло, боре ҳам ба таърихи пойтахти ҷумҳурии 15 –уми СССР таваҷҷуҳ накарданд. Танҳо бо таассуфу алам дар матбуоти он айём аз Самарқанду Бухорои аздастрафта баъзан ёдовар мешуданд. Бори аввал соли 1983 омӯзиши археологии шаҳри Душанбе оғоз ёфт ва археологҳо муайян карданд, ки он таърихи беш аз дуҳазорсола дорад. Ин шаҳр яке аз марказҳои машҳури тиҷоратӣ буд ва тоҷирони он бо ҳамтоёнашон аз шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро, Қаршӣ, Андиҷон, Тошканд, Шаҳритус, Тирмиз, Хуталон, Ҳисор ва ғайра мубодилаи молу ашё мекарданд, муомилаю муносиботи дӯстона доштанд.

Китоби олими муаррихи тоҷик Ш. Юсуфов соли 1988 бо номи «К историю дореволюционного Душанбе» дар нашриёти «Дониш» ба табъ расида буд. Дар он китоб аз ҷумла омадааст, ки мувофиқи ҳисоби соли 1889 дар Душанбе қариб 700 ҳавлӣ буд. Аввали солҳои 1900 (аввали асри XX), мувофиқи баъзе маълумотҳо Душанбе 20 ҳазор аҳолӣ дошт. Мувофиқи маълумоти дигар бештар аз 28 ҳазор.

Дар матбуоти тоҷикии солҳои 20-уми асри гузашта, ки аввал ба забони лотинӣ ва баъдан бо хати форсӣ чоп мегардид, доир ба таърихи Душанбе хабару мақолаҳои зиёде чоп мешуд. Аз ҷумла дар як маводи шумораи 240-уми рӯзномаи «Бедории тоҷик», ки соли 1925 ба табъ расидааст, чунин маълумотро пайдо кардам: «Тумани Душанбе ба 4 кант ва 10 қишлоқ тақсим мешуд…».

Соли 1875 як афсари штаби генерал-губернатори Туркистон Н. А. Маев бори аввал ҳамчун тадқиқотчӣ ба Душанбе меояд. Вай якумин муҳаррири нашрияи «Туркестанские ведомости» буд. Н. А. Маев дар яке аз мақолаҳояш тасдиқ кардааст, ки Душанбе ҳамчун Ҳисор яке аз калонтарин шаҳрҳои аморати Бухоро буд. Як нафар тадқиқотчии дигари рус Б. Н. Литвинский, ки вай ҳам афсар буд, аз дидани Душанбе таассуроти хешро навишта, чунин ишора кардааст: «Дар байни хонаҳои зичи шаҳр, дар қад-қади кӯчае, ки аз назди қалъа сар шуда, ба боло, ба тарафи Варзоб тӯл мекашад ва ба дашти васеи ҳамҳудуди шаҳр мебароянд, осори девори қалъаи қадимаро дидан мумкин аст. Ба назарам чунин менамуд, ки (ман шабона аспсавор аз назди он гузаштам) ин девор аз хишти хом сохта шудааст ва қисман харобаи қалъаи Самарқандро ба хотир меоварад».

Аз хазинаи Китобхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ китобчаеро бо номи «Шаҳрҳои Тоҷикистон» пайдо кардам, ки онро муҳаққиқони ин китобхона И. Норкаллаев ва С. Мушаева соли 1967 таҳия карда, ба нашр расондаанд. Дар бахши «Душанбе-пойтахти РСС Тоҷикистон» онҳо кӯшиш кардаанд каме ба таърихи шаҳр рӯшанӣ андозанд. Аз ҷумла муаллифон навиштаанд: «Душанбе дар замонҳои қадим ба вуҷуд омадааст. Ривоят мекунанд, ки Душанбе чандсад сол пеш аз ин пайдо шуда, бо бозорҳои серодамаш ҳатто берун аз қаламрави водии Ҳисор шӯҳрат ёфтааст. Дар ибтидои асрҳои миёна, дар самти шарқии водии Ҳисор вилояти Шуман ҷой гирифта буд. Шуман дар роҳи савдое меистод, ки Чағониёнро (дар водии Сурхондарё) бо Вахш ва Хуттол мепайваст. Таърихчиён тахмин мекунанд, ки пойтахти Шуман дар ҷои Душанбеи ҳозира воқеъ гашта буд».

Чунин навиштаҳо ва маълумотномаҳо, ки таърихи қадима доштани Душанберо исбот мекунанд, хеле зиёд аст. Ҳоло таваҷҷуҳи хонандагони арҷмандро ба як маълумотномаи дигари ҷолиб аз мақолаи Е. В. Зеймал, ки соли 1959 дар маҷаллаи «Маданияти Тоҷикистон» ба табъ расида буд, ҷалб мекунем. Ин шахс, ки он вақт мудири шӯъбаи таърихи Осорхонаи ҷумҳуриявии таъриху кишваршиносии Тоҷикистон буд, менависад: «Қадимтарин осорҳои зиндагии одам дар қаламрави Сталинобод ба давраи охирини асри санг – неолит дахл дорад, ки онро «асри нави санг» ҳам меноманд.

Дар қаламрави пойтахти кишвари мо ва атрофи он дар асри биринҷӣ ҳам одамон зиндагӣ мекардаанд. Табари биринҷие, ки дар ҳудуди деҳаи Арақчин (ноҳияи Варзоб) ёфт шудааст, дар ҳамин хусус нақл мекунад.».

Чунин маълумотномаю сарчашмаҳо, хеле зиёд аст. Умед аст, ки чунин мавод аз ҷониби олимони арҷманд, рӯзноманигорони мӯҳтарам ва ҳар касе, ки барояш Душанбе шаҳри орзуву ормонҳост ва аз пойтахт ифтихор мекунад, оянда дастрас мешавад ва рӯйи чоп меояд, то ҳамватанони мо ва меҳмононе, ки ба ин зебошаҳр меоянд, аз таърихи он низ бохабар шаванд. Шояд рӯзе ҳам мерасад, ки мо ҷашни 2000-солагии Душанберо таҷлил мекунем.

*Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»*

# Татбиқи Паём муносибати сатҳиро намепазирад

(Идома аз саҳ. 1)

**-Чӣ бояд кард, то татбиқи пурраву саривақтии нуктаҳои Паём таъмин гардад?**

-Посухи мушаххас ба ин суол- ҳисси масъулият, меҳандӯстиву худогоҳии миллӣ, арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ ва садоқати бепоён ба давлату миллат аст. Барои муассир гаштани фаъолияти масъулин беҳтар мебуд дар арафаи Паёми навбатӣ корҳои дар партави Паёми пешин амалигардида аз тариқи воситаҳои ахбори омма натиҷагирӣ шавад. Бо ин масъала дахл намудани банда бесабаб нест, зеро пурмаҳсулии фаъолияти шохаҳои ҳокимият ва иҷрои саривақтии дастуру супоришҳои Сарвари давлат омили асосии афзудани эътимоди аҳолӣ ба Ҳукумат маҳсуб меёбад.

**-Зимни ирсоли Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти ҷумҳурӣ дастур дода буданд, ки дар баробари қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» як барномаи аз ҷиҳати илмӣ асосноки тарбияи насли наврас таҳия ва ба воситаи он роҳҳои иҷрои қонуни фавқуззикр, ҳамчунин фалсафаи таълиму тарбия дар мамлакатамон мушаххас карда шавад. Мехостам зарурати таҳияи ин барномаро барои хонандагони рӯзнома шарҳ диҳед.**

-Таҷрибаи ҷаҳонӣ гувоҳи он аст, ки аз таълиму тарбияи насли наврасояндаи ин ё он кишвар ва дар маҷмӯъ, сайёраи замин вобастагии қавӣ дорад. Сарвари давлат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон хеле бамаврид зикр намуданд: «Ҷавонон бояд хуб дарк намоянд, ки тақдириояндаи халқу давлат ба дӯши онҳо гузошта шудааст. Ҳифзу обод кардан ва ба наслҳои оянда ба мерос гузоштани Ватани ободу рушдёбанда масъулияти бузург дорад ва ҳар фарди ҷавонро вазифадор менамояд, ки ҳамеша ба хотири таҳкими Ваҳдати миллӣ, Истиқлолияти давлатӣ, густариши худшиносиву худогоҳӣ ва ватандӯстӣ кӯшишу талош намояд».

Бемуболиға мегӯям, ки қабул ва мавриди амал қарор гирифтани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дар шароити кунунӣ хеле муҳиму саривақтӣ буда, аз ҷониби дигар кишварҳо мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтанаш далели возеҳи дурустии ин тадбир аст. Табиист, ки иҷрои ҳама гуна қонунро санадҳои зерқонунии он тавсеа мебахшанд ва дар сурати мавҷуд набудани онҳо иҷрои самараноки қонун зери суол мемонад. Ин аст, ки Роҳбари дурандеши давлат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Вазорати маориф ва Академияи таҳсилоти ҷумҳуриро ҷиҳати таҳияву ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани барномаи зикршуда вазифадор намуда буданд. Итминонам комил аст, ки сохторҳои номбаршуда дар самти иҷрои саривақтии ин супориш кор бурда истодаанд. Барномаи мазкур аз лиҳози моҳият хеле муҳим буда, он тамоми паҳлуҳои зиндагии кӯдакро фаро ҳоҳад гирифт ва минбаъд дар хонавода, кӯдакистон, мактаб ва ғайра дар асоси он фаъолият хоҳанд кард.

**-Убайдулло Абдуллоевич, бо мақсади татбиқи Паём дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино чӣ кор ба анҷом расидааст?**

-Агар гӯям, ки роҳбарият, устодон, кормандон ва донишҷӯёни донишгоҳ дар татбиқи ҳамаи нуктаҳои ин ҳуҷҷати муҳим комёб гаштаанд, муболиға намешавад.

**-Зимни ирсоли Паём аз ҷумла чунин зикр гашта буд: «Зарур аст, ки дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ба омӯзиши забони давлатӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа дода, дар баробари ин донистани ҳатмии ду забон, бахусус забонҳои русӣ ва англисиро ҷорӣ намоем». -Лозим ба ёдоварист, ки чанд сол пештар вазъи таъминоти донишҷӯёни донишгоҳ бо адабиёти таълимӣ ба забони давлатӣ хеле нигаронкунанда буд. Вобаста ба ин омил шумо мақсад пеш гузошта будед, ки ин равандро беҳбудӣ бахшида, нишондиҳандаи таъминотро ба 100 фоиз мерасонед…**

-Мо ба ин ҳадаф сарбаландона расидем ва ният дорем, ки онро дар оянда вусъат бахшем. Расидан ба ин ҳадаф кори саҳлу содда набуд, вале фаъолияти пурмаҳсули аҳли донишгоҳ боис гашт, ки мо ба он дастёб шавем. Бо ин мақсад дар радифи дигар корҳо 76 номгӯй адабиёти таълимӣ ба забони давлатӣ бо теъдоди 10943 нусха таҳия ва нашр гардид. Иқдомоти мазкур замина фароҳам овард, ки таъмини раванди таълим бо адабиёти зарурӣ ба забони тоҷикӣ аз 32 фоизи соли 2008 соли гузашта ба 100 фоиз расонида шавад. Давоми панҷ соли охир теъдоди гурӯҳҳои тоҷикӣ аз 63 то ба 152 адад расидааст. Ҳоло дар донишгоҳ таҳсил бо се забон- тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ сурат мегирад. Гурӯҳҳои англисӣ соли 2009 таъсис ёфта, дар он асосан донишҷӯёни хориҷӣ ва ҳамчунин баъзе донишҷӯёни маҳаллӣ, ки донандаи хуби забони англисӣ ҳастанд, таҳсил менамоянд.

**-Маротибаи аввал буд, ки зимни ирсоли Паём Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз 28 мамлакати ҷаҳон дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишварамон таҳсил доштани қариб 3500 нафар донишҷӯёни хориҷиро ёдрас шуданд…**

-Дуруст гуфтед. Ин далели муҳимияти масъалаи мазкур аст, зеро то чӣ андоза зиёд будани теъдоди донишҷӯёни хориҷӣ дар баробари манфиати иқтисодӣ овардан ба донишгоҳу донишкадаҳо, ҳамзамон ҷиҳати боз ҳам болотар рафтани обрӯву эътибори кишвари азизамон дар арсаи байналмилалӣ мусоидат менамояд. Сол то сол беҳтар гаштани шароити таълиму тадрис дар донишгоҳ таваҷҷуҳи шаҳрвандони хориҷиро ба ин махзани илму маърифат зиёд намудааст. Ҳоло дар донишгоҳ 513 нафар донишҷӯёни хориҷӣ таҳсил мекунанд. Ҳамаи онҳо тариқи шартномавӣ таҳсил менамоянд. Ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намудани Сардори давлат моро водор месозад, ки фаъолиятамонро барои ҷалби бештари донишҷӯёни хориҷӣ дар заминаи боз ҳам таҳким бахшидани пояи моддиву техникии донишгоҳ ва ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани озмоишгоҳҳову марказҳои илмӣ ва тадқиқотӣ вусъат бахшем.

**-Чун шумо аз таҳкими пояи моддиву техникии донишгоҳ ёдовар шудед, мехостам донам, ки вазъият дар ин самт чи гуна аст?**

-Давоми шаш соли охир дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино дигаргуниҳои азиме ба амал омад, ба болоравии сатҳу сифати таълиму тарбия заминаи хубе гузошт. Барои ба талаботи замон мувофиқ намудани таҳсилоти мутахассисони ҷавони соҳаи тиб роҳбарияти донишгоҳ якчанд марҳиларо паси сар намуд. Пеш аз ҳама пойгоҳи моддии донишгоҳ мустаҳкам, маоши устодону омӯзгорон зиёд карда шуд. Профессори донишгоҳ то соли 2005 ҳамагӣ 92 сомонӣ ва муаллими калон 46 сомонӣ маош мегирифт. Айни замон дар натиҷаи афзудани маблағҳои хусусӣ профессори донишгоҳ мутаносибан 1852 сомонӣ ва муаллими калон 789 сомонӣ маош мегиранд, ки ин омил ба баланд гаштани масъулияти устодон ва беҳтар гаштани сифати таълим такони ҷиддӣ бахшид.

Танҳо дар ду соли охир буҷети донишгоҳ дар маҷмӯъ 50,3 млн. сомониро ташкил додааст, ки аз ин 37,9 млн. сомониаш ба маблағҳои хусусӣ ва боқимонда ба маблағҳои буҷетӣ тааллуқ доранд. Баландшавии ҳаҷми маблағгузорӣ имконият дод, ки аз маблағи умумии зикршуда 21,5 млн. сомонӣ барои пардохти музди меҳнати кормандон сарф шавад.

Дар соли 2011 ва давоми се моҳи соли 2012 барои беҳтар намудани базаи моддӣ-техникии кафедраҳо, толорҳои лексионӣ, марказҳои таълимию клиникӣ бо лавозимоту таҷҳизоти таълимӣ, маводи лабораторию аёнӣ ва таҷҳизоти муосири тиббӣ иқдомоти зиёде амалӣ шуд. Барои беҳтар гардонидани сифати таълим дар ин давра бо бунёд кардани толору дарсхонаҳои нав масоҳати биноҳои таълимӣ низ васеъ гардид. Дар маҷмӯъ, корҳои созандагӣ дар 3013 метри мураббаъ масоҳати таълимӣ, барои таъмиру таҷдид 2080140 сомонӣ ва барои харидории таҷҳизот ва ашёи таълимӣ 397000 сомонӣ сарф шудааст. Барои беҳтар гардонидани сифати таълим солҳои охир бо бунёд кардани толору дарсхонаҳои нав масоҳати биноҳои таълимӣ низ васеъ гардид.

Бо иқдоми раёсати донишгоҳ дар ин давра китобхонаи электронӣ ва 16 синфхонаи компютерӣ, ки бо тамоми таҷҳизоти ҳозиразамон муҷаҳҳаз гардонида шудаанд, таъсис ёфт. Илова бар ин, дар аввали соли 2012 дар кафедраи забонҳои хориҷӣ ду синфхонаи лингофонӣ иборат аз 36 ҷойи нишаст барои донишҷӯён таҷҳизонида ба истифода дода шуд. Истифодаи технологияи иттилоотӣ ҳамеша мадди назари роҳбарияти донишгоҳ мебошад. Ҳоло донишгоҳ соҳиби 797 компютер буда, таносуби компютерҳо бо донишҷӯён 1:8,4-ро ташкил медиҳад, ки аз меъёри муқарраргардида зиёд аст.

**-Сардори давлат дар ин ҳуҷҷати муҳиму сарнавиштсоз пайваста боло бурдани сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ ва ба талаботи таҳсилот дар кишварҳои пешрафта ва бозори меҳнати ватаниву ҷаҳонӣ ҷавобгӯй намудани онро аз ҷумлаи ҳадафҳои стратегӣ дар соҳаи маориф арзёбӣ намуда, чунин таъкид намуданд: «...барои муваффақ шудан ба он бояд дастаҷамъона талош варзем». Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино дар ин ҷода чӣ дастовард дорад?**

-Шумо ба масъалаи хеле муҳим дахл намудед. Эътироф бояд намуд, ки бе иҷрои ин рисолатояндаи дурахшони миллату меҳанро таъмин намудан имконнопазир аст. Кӯшишҳои мо дар ин ҷода давоми панҷ -шаш соли охир натиҷаи мусбӣ медиҳад. Аз ҷумла натиҷаи ҷамъбасти сессияи зимистонаи соли таҳсили 2011-2012 маълум намуд, ки дар сессияи имсола донишҷӯёне, ки имтиҳонҳоро танҳо бо баҳои «аъло» ва «хубу аъло» супоридаанд, 42,8 фоиз (2352 нафар)-ро ташкил медиҳад, ки нисбат ба сессияи соли гузашта 3,8 фоиз зиёд мебошад. Дараҷаи дарсазхудкунӣ дар давраи фаъоли сессия 88,5 фоизро ташкил медиҳад.

Дар имтиҳонҳои хатми соли гузашта низ камшавии баҳои ғайриқаноатбахш ва афзоиши нишондодҳои сифати дарсазхудкунӣ ва дарсазхудкунии мутлақи хатмкунандагон ба назар мерасад. Нишондоди сифати дарсазхудкунӣ соли гузашта ба 56,3 фоиз баробар шуд, ки нисбат ба соли 2010-ум 27,2 фоиз зиёд аст. Бояд гуфт, ки сатҳу сифати таълим дар донишгоҳ давоми шаш соли охир аз рӯйи таҳлилҳои анҷомёфта рӯй ба беҳбудӣ дорад.

**-Ба шумо барои сӯҳбати самимӣ ва ошкоро арзи сипос менамоям.**

-Саломат бошед.

***Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум»***

---

● Ба ифтихори 15-умин солгарди Ваҳдати миллӣ

# Паймони дӯстӣ



**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ ба муносибати дуввумин солгарди имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон (26 июни соли 1999) ин нуктаро таъкид намуданд:**

**«То он рӯзи фирӯз, ки мо паймони дӯстӣ бастем ва то даме ки ба халқи мо муждаи сулҳи деринтизор расид, чӣ қадар кӯшишу фидокориҳо лозим омад. Ҷони чӣ қадар ҷавонмардон аз даст рафт ва чӣ қадар ҳамватанони мо заҳри талхи ғарибӣ чашиданд».**

**Бисёр ҷавонмардон барои пешгирии доман паҳн кардани даргириҳои дохилӣ, барқарории сулҳу субот дар кишвар ҳисса гузоштаанд. Генерал-майор Исмонқул Ғоибов, ки солҳои зиёд дар сафи Қуввaҳои Мусаллаҳ хизмат мекунад, аз ҷумлаи онҳост.**

Баъди хатми Омӯзишгоҳи олии ҳарбӣ-фармондеҳии ба номи маршал Коневи шаҳри Алмаато соли 1985 лейтенанти ҷавон Исмонқул Ғоибовро ба яке аз қисмҳои низомии округи ҳарбии Туркистон фиристоданд. Ҷузъу томи низомӣ ва взводе, ки ба он лейтенант Исмонқул Ғоибов командирӣ мекард, дар ҳайати бригадаи алоҳидаи савораи 66-уми Артиши 40-уми Қувваҳои Мусаллаҳи Иттифоқи Шӯравӣ пайваста ба омӯзиши тактикаи ҷангӣ дар шароити кӯҳистон машғул буд ва баъди анҷоми машғулиятҳои низомӣ қисми онҳо ба Афғонистон фиристода шуд. Взводе, ки Исмонқул Ғоибов командираш буд, дар ибтидои хизмат посбонии ҳайати мушовирони ҳизбӣ-ҳарбии шӯравиро ба ӯҳда дошт. Баъдан қисми низомии онҳо дар амалиёти низомӣ низ иштирок кард.

Боре ба постгоҳҳои низомии онҳо гурӯҳҳои мусаллаҳ ҳуҷум намуд.

Ҳамла ногаҳонӣ буд, аммо командири взвод Исмонқул Ғоибов тавонист, ки вазъияти ногуворро таҳти назорат гирад. Рақиб бо ҳар восита аскаронро аз паногоҳ ба берун баровардан мехост, аммо афсари ҷавон ин макри душманро ба хубӣ эҳсос менамуд. Бо фармони ӯ танку мошини зиреҳпӯш ба ҳуҷум гузаштанд.

Аз ҳамлаи ҷанговарони шӯравӣ душман ноилоҷ ақибнишинӣ кард. Ҳангоме ки амалиёт бо комёбии комил анҷом гирифт, бо роҳи дигар взводи савораи тирандозӣ ба мавқеи пешина боз мегашт ва ин асно мошини зиреҳпӯшии ҷангӣ ба мина бархӯрда, Исмонқул захми вазнин бардошту ду моҳ дар шифохонаи ҳарбӣ табобат гирифт.

Баъдан Исмонқул хизматро ҳамроҳи взводи худ дар музофоти Нангарҳор идома дод. Боз дар ҷойи душвори хизмат, дар қисмати пеши ҷабҳа. Дар муҳорибаҳои ин музофот ва дуртар аз шаҳри Ҷалолобод ду маротибаи дигар Исмонқул ҳангоми таркидани танк захм бардошт, вале ӯ ҷабҳаи набардро тарк накард.

Барои ин корнамоӣ фармондеҳи қисми низомӣ, афсари ҷавон Исмонқул Ғоибовро ба мукофоти давлатӣ пешниҳод намуд. Дар пешниҳод чунин сифатҳои афсар нишон дода шудаанд: «Қобилияти ташкилу сафарбаркунӣ дошта, дар вазъияти мураккаб мустақилона қарор қабул карда метавонад». Бо Фармони Президиуми Совети Олии СССР аз 7 сентябри соли 1988 Исмонқул Ғоибов ба ордени «Ситораи Сурх» мукофотонида шуд.

Баъдан ӯ дар вазифаи командири ротаи тирандозии полки тирандозии савораи Округи ҳарбии Шарқи дур хизматро идома дод.

Бо қаноатмандӣ ба Ватани азизаш -Тоҷикистон баргашта, дар вазифаҳои гуногуни ҳарбӣ иҷрои вазифа намуд.

Ба ибораи низомиён, афсар ба ҷуз дар сафи пеш будан, дигар ҳеҷ гуна имтиёзи зиёдатӣ надорад. Ба вазифаи комиссари ҳарбии ноҳияи Файзобод таъин намудани афсари касбӣ Исмонқул Ғоибов ба даври оғози ноороmиҳои дохилӣ рост омад. Ин боди самум, ки аз давраи бозсозӣ ибтидо мегирифт, то ба сарзамини мо омад. Бо ноороmию даргириҳои хосаи худ.

Дар чунин шароит дуруст ва ба маҷрои муайян равона сохтани фаъолияти мақомоти давлатӣ, бахусус низомиён хеле душвор буд. Барои ба эътидол овардани вазъ комиссари ҳарбии ноҳия Исмонқул Ғоибов ва сардори шӯъбаи корҳои дохилӣ подполковники милитсия Назрибеков аз ҳисоби собиқ ҷанговарони интернатсионалист ва ҷавонон бо қарори раиси ноҳия милитсияи ихтиёрӣ ташкил намуданд. Бо сардории онҳо муддати муайяне тартибу интизомро таҳти назорат доштанд ва дар пешгирии хунрезӣ, ноороmию бетартибӣ ҳиссаи муносиб гузоштанд. Аз ин рафтори ҷавонмардонаи онҳо сокинони ноҳияи Файзобод ҳанӯз ҳам бо некӣ ёдовар мешаванд.

Исмонқул Ғоибов тарафдори ҳеҷ гуна ихтилоф, бахусус даргириҳои дохилӣ набуд. Ҳангоми адои хизмати ҳарбӣ дар Афғонистон ҷанг ва оқибатҳои фоҷиабори онро дида буд ва биноан ҳеҷ намехост, ки дар Ватанаш ҷанги шаҳрвандӣ доман паҳн кунад. То ҳадди имкон хост пеши роҳи гумроҳонро гирад. Бо ташаббуси ӯ аз ҳисоби вакили Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафаралӣ Раҷабов, раиси ноҳия Саидмурод Тағоев ва чанде аз фаъолони ноҳия барои музокира бо мухолифин гурӯҳи корӣ ташкил ёфт. Мақсад доштанд, ки ноҳияро минтақаи сулҳ эълон намоянд.

Гуфтушунид се рӯз идома ёфт. Рӯзи сеюм ҳангоми гуфтушунид бо мухолифин дар шаҳраки Обигарм ба муқобили гурӯҳи корӣ тирпарронӣ оғоз шуд. Намояндаи Кумитаи давлатии бехатарӣ захмӣ гардид. Бо ҳамин кӯшишҳо барои пешгирии хунрезӣ бенатиҷа анҷом ёфт, зеро қувваҳои сиёҳкору дасисабоз он замон дастболо буданд ва ҳар амалу иқдоми хайрхоҳонаро халалдор менамуданд.

Исмонқул Ғоибов ҳамоно дар ақидааш устувор буд ва дар фаъолияти минбаъда амали некашро идома дод. Мехост ин даргириҳо ба охир расанд, фазои сулҳу оромӣ кишварро фарогир бошад.

Дар ҳудуди ноҳияи Ленин (ҳозира Рӯдакӣ) чандин дастаҳои силоҳбадаст амалиёти тахрибкорона мебурданд. Дастаи Раҳмон Сангинов (Раҳмон-гитлер) аз ҷумлаи онҳо буд. Аз зери итоати мухолифин баромада, мустақилу худсарона даст ба амалҳои зишт мезад. Барои хотима додани худсариҳо аввало бо ӯ гуфтушунид пешниҳод шуд.

Ин кори осон набуд. Аммо ба хотири хотима гузоштан ба бесарусомониҳо чунин иқдом пеш гирифта шуд. Ба ҳайати комиссияи босалоҳияти давлатӣ Исмонқул Ғоибов, ки он замон вазифаи комиссари ҳарбии ноҳияи Ленинро ба ӯҳда дошт, низ шомил буд. Исмонқул Ғоибов яке аз лаҳзаҳои гуфтушунид бо Раҳмон -гитлерро ба хотир меорад:

Ҳайати комиссияи ҳукуматӣ кӣ будани Раҳмон-гитлерро хуб медонистанд, зеро ӯ маротибаи чанд ваъдаи оташбас додаву онро шикаста буд. Аммо ҳар дафъа комиссияи ҳукуматӣ ба хотири оромӣ, аз роҳи бад баргардонидани гумроҳшудагон ба Раҳмон-гитлер роҳи оштиро пешниҳод менамуд.

Ин маротиба низ комиссияи давлатӣ ба ситоди Раҳмон-гитлер рафт. Пешвозгирӣ бо тамоми дуруштию суханони қабеҳ доир гашт. Ӯ ба ҷониби ҳайати комиссияи давлатӣ яроқашро рост намуда, амр кард:

-Калима гардонед, ҳамаатонро мепарронам.

Ба намояндаи собиқ мухолифин Муҳаммадшариф Ҳимматзода гуфт:

-Ёсинро худат хон, ки бе Оллоҳ мемурӣ!

Либоси низомии комиссари ҳарбӣ Исмонқул Ғоибов низ Раҳмон-гитлерро ба тарзе девона карда буд.

-Туро якум нест кардан даркор,- бо ситеза гуфт Раҳмон-гитлер.

Раиси комиҷроияи ноҳия Хол Машрабов ба таҳдиду таҳқирҳои Раҳмон-гитлер тоқат накарда, сӯяш гуфт:

-Эй, Раҳмон, моро бо силоҳат натарсон. Танҳо нестем. Ҳукумат бо мост, 40 ҳазор мардуми ҳамин ҷамоат аз пушти мост. Пагоҳ ҳамин мардум гулӯятро буғӣ карда, туро мекушанд.

Раҳмон-гитлер музтар шуд, ба андеша рафт. Ба ҳамин гуфтушунид қатъ гашт. Баъди чанд рӯз дубора ҳайат бо иштироки аъзои зеркомиссияи низомии Комиссияи оштии миллӣ бо ӯ гуфтушунид доир намуд. Ба шартҳои гузоштаи комиссия Раҳмон-гитлер розӣ шуд. Аммо боз ба ваъдааш вафо накард ва ҳамоно гаравгонгирӣ, қатлу ғоратро давом медод. Ниҳоят Раҳмон-гитлер ва ҳаммаслаконаш соли 2001 дар натиҷаи амалиёти «Барқосо» аз байн бурда шуданд.

Ба душворӣ ҳам бошад, Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон амалӣ гардида, сулҳу субот, тинҷӣ, оромӣ ҳукмфармо шуд. Дар лаҳзаҳои ниҳоят ҳассос ҳар ду ҷониб сабру таҳаммулро пеша карданд ва натиҷаи беҳтарин ҳосил шуд.

Исмонқул дар ин айём ҳам вазифаҳои ниҳоят масъул-комиссари ҳарбии вилояти Хатлон, сардори Раёсати нозироти ҳарбӣ-автомобилии Вазорати мудофиа ва ғайраро иҷро кард. Пайваста меомӯхт ва тобеонро таълиму тарбия медод. Ӯ бо вуҷуди ба иҷрои вазифаҳои хизматӣ банд будан барои баланд бардоштани савияи дониш ба факултети якуми Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2010 онро бо ихтисоси идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ хатм намуд.

Исмонқул Ғоибов ҳамчун мутахассиси ҳарбӣ хизматро дар Қӯшунҳои дохилӣ идома дода, дар замони осоишта кишвар ва суботу оромии ҷомеаро ҳифз кард.

Бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 январи соли 2009 генерал -майор Исмонқул Ғоибов Фармондеҳи Қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин шуд.

Қӯшунҳои дохилӣ ҳамчун сохтори таркибии Вазорати корҳои дохилӣ ва қувваҳои эҳтиётии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти хизматӣ машғуланд. Чорабиниҳои муҳими давлатӣ, байналмилалӣ, иду тантанаҳо бе иштирок, яъне бе посдории амнияту тартиботи ҷамъиятӣ аз ҷониби афсарону аскарони ин сохтор намегузарад. Аз ҳайати шахсии ин қӯшунҳо бештар аз 300 нафар якҷоя бо кормандони сохторҳои қудратӣ ба хизмати шабонарӯзӣ мебароянд. Нигоҳубини иншоотҳои муҳим ва махсусан муҳимро анҷом медиҳанд.

«Генерал-майор Исмонқул Ғоибов ҳангоми иҷрои вазифа худро чун афсари болаёқат, бовиҷдон, ташкилотчии моҳир нишон дода метавонад,- чунин омадааст дар тавсифномаи вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-полковник Ш.Хайруллоев. Барои шуҷоату диловарӣ ҳангоми адои қарзи интернатсионалистӣ ва роҳбарӣ ба ҷузъу томҳо дар вазъияти фавқулодда бо ду ордени «Ситораи Сурх», медали ҷашнии «Ҷасорат» мукофотонида шудааст».

Ба қарибӣ генерал-майор Исмонқул Ғоибов муовини фармондеҳи Қӯшунҳои хушкигарди Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардид. Ҷанговарон Ваҳдати миллиро чун рӯзи эҳёи дубораи миллат дар радифи идҳои бузурги умумимиллӣ ҷашн мегиранд ва дар ҳифзи дастовардҳои миллӣ саҳми беандозаи худро мегузоранд.

***Аъзам МӮСОЕВ, «Садои мардум», Саид АШӮРОВ, афсари мустаъфӣ.***

---

● Мизи мудаввар

# Механизмҳои самарабахш намерасанд

**Чанде пеш бо дастгирии шӯъбаи Ташкилоти байналмилалии Институти ҷомеаи кушоди «Бунёди мадад» дар доираи муаррифӣ ва нашри «Маърӯзаи дуюми алтернативии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ оид ба татбиқи Конвенсияи барҳам задани ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбати зан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мизи мудаввари Иттифоқи созмонҳои ҷамъиятии «Аз баробарии ҳуқуқӣ ба баробарии воқеӣ» ва иттиҳодияи ҷамъиятии «Занони маълумоти олидор» доир гардид. Дар чорабинӣ намояндагони корхонаҳои давлатӣ, хусусӣ ва воситаҳои ахбори омма ширкат намуданд.**

**Раиси Иттифоқи созмонҳои ҷамъиятии «Аз баробарии ҳуқуқӣ ба баробарии воқеӣ» Татяна Бозрикова зимни суханронӣ зикр намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2003 инҷониб иштирокчии Конвенсия дар бораи барҳам додани ҳама гуна шаклҳои ҳуқуқпоймолкунӣ нисбати занон (КБҲЗ) мебошад ва мувофиқи ӯҳдадориҳои байналмилалӣ бояд мунтазам дар бораи иҷрои КБҲЗ дар мамлакат маърӯзаҳо пешниҳод намояд.**

**Дар зер нуктаи назари чанде аз иштирокчиёни мизи мудавварро пешкаши хонандагон мегардонем.**

**Гулчаҳон БОБОСОДИҚОВА - раиси Созмони ҷамъиятии занони маълумоти олидори Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

- Давоми чанд соли охир давлат як қатор тадбирҳои мусбиро оид ба баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа амалӣ намуд. Тоҷикистон ба бисёре аз конвенсияҳои байналмилалӣ шомил шуд ва миқдори зиёди қонунҳо, барномаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои давлатӣ оид ба пешбурди баробарии гендерӣ қабул карда шуданд. Дар баробари ин, барои татбиқи онҳо механизмҳои самаранок намерасанд, санҷиш ва арзёбии рафти иҷрои онҳо суст ба роҳ монда шудааст, миқдори зиёди чорабиниҳои банақшагирифташуда иҷро намешаванд.

Мувофиқи қонунгузорӣ мардону занон ҳуқуқи баробар доранд, вале дар амал дастрасии занон чӣ ба захираи моддӣ ва ҳам ба захираи маънавӣ маҳдуд аст. Миқдори зиёди ҳодисаҳои ҳуқуқпоймолкунӣ ва истифодаи зӯроварӣ нисбати занон ба қайд гирифта шудааст. Дар ҷомеа қолабҳои шахшудаи устувор оид ба тақсимоти нақшҳои мардону занон амал мекунанд.

**Фирӯзмуҳаммад САИДОВ - ҳуқуқшинос, мутахассиси Кумита оид ба корҳои дини назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

- Бори нахуст дар қонунэҷодкунии муосир лоиҳаи Қонун «Дар бораи пешгирии хушунати оилавӣ» бо ташаббуси қонунгузории вакилони Парламенти касбӣ таҳия шудааст ва ҳоло мавриди баррасӣ қарор дорад. Мо пешниҳоди худро дар хусуси ин лоиҳа ироа доштем. Ҳамчунон пешниҳод кардем, ки механизми татбиқи амалии санадҳои меъёрии ҳуқуқии хориҷӣ, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, муайян карда шавад.

Таҷрибаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки бо зиёд шудани институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳуқуқҳои шаҳрвандон ҳифз шаванд ҳам мунокишаҳои оилавӣ зиёд гардидааст. Мувофиқи нишондодҳои оморӣ дар соли 2010-ум 8,5 ҳазор оила вайрон шуда, соли 2011-ум теъдоди онҳо ба 11 ҳазор расид. Пешниҳод дорам, ки баста шудани аҳдномаи никоҳ, ки дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст, ҳамчун ӯҳдадорӣ муқаррар карда шавад.

**Рухшона ШОБУДИНОВА- раиси Ташкилоти ҷамъиятии «Олами кӯдакон»-и ноҳияи Рӯдакӣ:**

- Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020», «Дар бораи таъсиси грантҳои президентӣ оид ба фаъолияти соҳибкории занон барои солҳои 2011-2015», «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба беҳдошти вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангию маънавии оилаҳо, баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа, иштироки фаъолонаи онҳо дар идоракунии давлат мусоидат менамоянд. Мо курсҳои омӯзишӣ, аз қабили дарсҳои компютерӣ, қаннодиро ба роҳ мондем. Созмонҳои ғайридавлатии Тоҷикистон, ки имрӯз шумораашон аз ду ҳазор бештар аст, дар кори ҷалби занони кишвар ба фаъолияти ҷамъиятӣ ва раванди демократикунонии ҷомеа нақши калон доранд.

Дар робита ба ин масъалаҳо пешниҳод менамоям, ки дар марказҳои шаҳраку деҳоти дурдаст семинар-машваратҳо доир гарданд. Лоиҳаву барномаҳои муайянро роҳандозӣ карда, пеши роҳи занҳои бероҳагарду нашъаҷаллобу худкушро гирифтан лозим аст. Бо таъсиси марказҳои ёрирасони ҳуқуқию фарҳангӣ ба занону духтароне, ки корафтодаанд, ёрии маънавӣ ва ҳуқуқӣ расонидан лозим аст. Ташкили грантҳои раисони ноҳияҳо ба ин мақсад манфиатовар буда, ҷалби соҳибкорони саховатманд ба ин кор боз ҳам хуб мешуд. Таманнои онро дорам, ки шиори ҳар як шаҳрванд байти зерини шоир Лоиқ бошад:

*Дар ғами фардои миллат,*
*камтарин тоҷик агар чун ман бисӯзад,*
*Аз фурӯғи рӯзи миллат*
*бемуҳобо хонаи манҳуси аҳриман бисӯзад.*

***Фирӯза ҲАБИБУЛЛОЕВА, «Садои мардум»***

---

● Экология

# Моҳии Кофарниҳон ғорат мешавад

## Қиссаи моҳигире, ки моҳии тилло он тараф истад, як моҳичаи оддӣ ҳам ба шасташ наафтод

Ӯро малӯлу хотирпарешон дидам. Бо сару либоси обногузар аз шикор бармегашт. Ба вай наздик шудам:

-Ассалому алайкум. Ҳа, бародар, шикор барор гирифт?

-Воалайкум бар салом. Аммо аз куҷо фаҳмидед, ки ман шикорчиам?

-Аз сару либосат, аммо чаро табъат хира, чӣ моҳии тиллоро наёфтӣ?

Ҷавонмард нимтабассуме карда гуфт:

-Дар орзуи моҳии тилло нестам, он афсона аст. Ҳақиқаташ ин ки ақаллан як-ду кило ҳам мегирифтам, ризқу рӯзии аҳли оила мешуд, кифоя буд. Аммо…

Вай афсӯс хӯрда, арзи дил кард:

-Бародари азиз, анъанаи моҳигирӣ дар оилаи мо солҳои дароз идома дорад. Падарам(Худо раҳматаш кунад) як умр дар колхоз кор кард ва ҳамзамон вақтҳои холӣ ба шикори моҳӣ машғул буд. Он аз ҷумлаи машғулияти дӯстдоштааш ба ҳисоб мерафт. Ҳар бегоҳ ё шабона бо тӯрхалта ба дарёи Кофарниҳон рафта, дар соҳили дарё ҳам дам мегирифт ва ҳамзамон ду-се кило моҳӣ медошту ба хона меовард. Моҳӣ ғизои мунтазам барои аҳли оиламон буд. Инчунин ба ҳамсояҳо медодем, баъзан мефурӯхтем.

Баъд аз вафоти қиблагоҳам ин шуғлашро ман идома медиҳам. Ба ростӣ, баъд аз гирудори зиндагӣ ба соҳили дарё рафтану даме ба садои рӯҳнавози об гӯш додан, дидани ҷастухези моҳиҳо гуворову роҳатафзост. Аммо вақтҳои ахир ман барин моҳигирон аз чунин машғулият ба ҷои роҳат асабӣ мешавему ғамгин. Чаро? Зеро, алҳол моҳигироне, аниқтараш ғоратгароне пайдо шудаанд, ки ба шикори бераҳмона машғуланд. Онҳо бо тӯри (ё шасти) махсуси барқӣ моҳӣ «шикор» мекунанд. Ин тӯрро (электроудочка) тавассути сим ба аккумулятори қаиқ пайваст карда, ба об мегузоранд ва моҳиҳоро беҷон мегардонанд. Ба касофати чунин одамон теъдоди моҳӣ дар дарё мунтазам рӯ ба нестӣ овардааст. Чунин ҳолат дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ба мушоҳида расида буд, ки онро фаҳмидан мумкин. Аммо шукр, ҳоло дар кишварамон тинҷиву осоиштагӣ, оҳиста-оҳиста дарёҳо ҳам аз моҳӣ пур шудаанд ва идораву муассисаҳои махсус шикори моҳӣ, парранда ва ҳайвонотро назорат мекунанд. Ба ростӣ, падарам қисса мекарданд, ки замони шӯравӣ, бо вуҷуди боинсофона шикор карданашон(онҳо соҳиби иҷозатнома буданд) метарсиданд, зеро нозирон ҳамеша пеши роҳи қочоқчиёнро мегирифтанд, ҳатто рӯзонаву шабона чархболи махсус дар болои дарё парвоз мекард. Ҳоло - чӣ? Гумон меравад, ки дигар ин корро касе назорат намекунад, зеро бо фарорасии фасли гармо, махсусан тобистон, шабу рӯз дарёи Кофарниҳон пур аз «шикорчиёни» беинсоф мешавад, ки бо ҳар воситаи мамнӯъ моҳии зиёдеро беҷон мекунанд ва онҳоро ҷамъ оварда, ба савдо мезананд.

Вақте моҳигир ин ҳолатро нақл мекард, ба ёдам ҷавонмарде бо исми Саидакбар расид, ки як сол пештар бо ӯ вохӯрда будам. Вай иброз дошт, ки дар дараи Ромит (Ваҳдат) ҳавзи моҳипарварӣ ташкил кардааст. Барои савоб ва барори кораш ҳамзамон якчанд ҳазор моҳичаи барои парвариш харидорӣ кардаашро ба дарёи Кофарниҳон сар додааст то адади онҳо дар дарё низ афзоиш ёбад. Бале, хушо ба ҳоли чунин ҷавонмардон, ки аз амалҳояшон ҳам худ ва ҳам дигарон баҳравар мешаванд. Аммо дар ҳаққи онҳое, ки бо роҳҳои ғайриқонунӣ моҳӣ шикор кардаву соҳиби даромади муфт мешаванд ва ҳам ба табиату ҳам ба одамон зарар меоранд, чӣ ҳам метавон гуфт?

***Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»***

# Навиштам номае...

## Ахлоқи ҷавонон ислоҳталаб аст

Имрӯзҳо мо шоҳиди воқеа ва ҳолатҳои гуногун ҳастем, ки ба костагии ахлоқи ҷавонон вобаста аст. Банда низ ҷавон ҳастаму дар донишгоҳ таҳсил мекунам ва аксар вақт ба чунин воқеаҳо рӯ ба рӯ мешавам, ки аз коста гардидани ахлоқи ҳамсолонам шаҳодат медиҳад. Дар ҷойҳои ҷамъиятӣ тамоку кашидани онҳо, беэҳтиромӣ нисбати калонсолон зоҳир намудан, эҳтироми падару модарро ба ҷой наовардан, ба забон овардани суханони қабеҳ ё дашноми якдигар, даст ба ҳар гуна ҷиноят задан, ба монанди дуздию қаллобӣ. Бархе аз ҷавонону наврасон сабукандешӣ карда, вақти зиёди қимати худро дар марказҳои дилхушӣ мегузаронанд, ба истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ ва хушҳолиҳои фиребанда машғул мешаванд. Дар натиҷа, ба иззати нафси дигарон мерасанд ва худро идора карда наметавонанд. Мутаассифона, дар байни ҷавонон ҳодисаҳои истеъмоли маводи мухаддир ва даст задан ба амалҳои ғайриахлоқӣ низ кам нест. Имрӯзҳо ба боғҳои фарҳангию фароғатии пойтахт равем, хоҳем дид, ки дар ҳар як гӯшаю канор духтару писари ҷавоне нишаста «ишқварзӣ» мекунанд. Ба ибораи дигар, боғҳои мо имрӯз ба маркази «ошиқон» табдил ёфтааст. Майлу рағбати ҷавонон ба шаҳватпарастӣ ва думболи ҳавою ҳаваси нафсашон рафтан зиёд шудааст. Шояд онҳо пайравӣ ба олами Ғарб карда бошанд, аммо ин тақлиди норавост. Беҳтар он аст, ки мо ба комёбиҳои илму техникаи онҳо тақлид намоем.

Дар робита хотиррасон кардан меҳоҳам, ки ин пайравӣ ё тақлиди кӯр-кӯронаи онҳо рӯзе дарди сарашон хоҳад шуд, аммо он вақт дер мешавад ва пушаймонӣ суд надорад. Аксарияти олимон ба ин андешаанд, ки сарчашмаи пайдоиши вируси масунияти норасоии бадан (ВМНБ), яъне СПИД аз роҳи шаҳватронӣ ё зино ба вуҷуд омадааст ва имрӯз ҳам сабаби зиёд паҳн шудани он ҳамин роҳи мазкур ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, аксарияти табибон тавсия медиҳанд, ки ягона роҳи раҳойӣ аз ин вабои аср пешгирии амалҳои нораво ва бадахлоқӣ ва ба роҳ мондани ҳаёти солим аст. Бисёр вақт одам хатари ҷиддии оқибати ҳавою ҳавас ва бо ҳар роҳ қонеъ кардани нафси шаҳвонии худро намедонад. Чунин амалҳо дар як лаҳза метавонад тамоми зиндагии инсонро ба бод диҳад. Ин бемориест табобатнашаванда, ҳатто метавонад як насл ё миллатеро дар муддати на чандон тӯлонӣ аз байн барад. Агар мо мехоста бошем, ки дар оянда номи тоҷикону Тоҷикистон ва фарҳангу тамаддуни миллати худро ба ҷаҳониён муаррифӣ намоем, пас ҳар қадаре метавонем, бояд аз ин гуна хатарҳо эҳтиёт кунем. Ҳатто аз хурдтарин амал ё коре, ки сабаби костагии обрӯю эътибори мо дар назди ҷаҳониён мегардад, даст бояд кашид, то дорои одобу ахлоқи ҳамида, бо илму маърифат, дӯсту тифоқ ва соҳиби ақлу хиради волои инсонӣ будани худро ба оламиён нишон диҳем.

***Искандари МУҲАММАДСАИД, донишҷӯйи факултети журналистикаи ДМТ***

## Арзи маро гӯш намекунанд

Ташвишу саргардонии ман аз он сар шуд, ки Навкаршоев Сайдалӣ соли 1993 бо номи духтараш Навкаршоева Света, ки истиқоматкунандаи маркази ноҳия буд, дар деҳаи Роғ қитъаи замине барои хонасозӣ гирифтанӣ шуд. Вай ҳамон ҷоеро, ки ман дар солҳои душвори охири солҳои навадум бо ҳамроҳии зану фарзандонам бо нӯги каланд (замини ба миқдори 0,03 гектар) обод намудаам ва барои таъминоти аҳли оилаам дар он ҷо сабзавоту картошка мекоридем, гирифтанӣ будааст. Ман барои гирифтани он ҷой розигӣ надодам. Азбаски ӯ дар мақомот кор мекард, гапашро гузаронид ва аз ман забонхат гирифтанд, ки дар шафати ҷойи сабзаворкории ман миқдори 0,03 гектар замини ноободи барои хонасозӣ мавҷуд аст. Аз Навкаршоев Сайдалӣ низ забонхат гирифтанд, ки аз ин берун ҷойро ишғол намекунад. Ҷойро ҷудо карда, нақшаи заминро кашида доданд. Аммо баъди чанд вақт омада, берун аз нақша масоҳати ҳавлиашро аз ҳисоби қитъаи ман васеъ намуд.

Соли 1997 заминҳоро ба халқ тақсим намуданд. Навкаршоев Сайдалӣ бо номи духтараш Навкаршоева Света, ки дар водии Язгулом шавҳару писарча дошт, барои 12 нафар замину ҷангал ва боғ гирифт, ҳол он ки барои духтарашу набераанш дар Язгулом замин дода буданд. Ҳамон давра ӯ муфаттиши прокуратураи ноҳия буд, аз хоҷагии деҳқонӣ ва деҳоти «Язгулом» ҳуҷҷати қалбакӣ овард, ки ба духтараш замин надодаанд. Баъди тақсимоти замин ба ман Шаҳодатнома барои саҳми замин дараҷаи А №006635, Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин (дараҷаи А №001847) доданд. Он дар китоби бақайдгирии шаҳодатномаҳои саҳми замин таҳти №376 ба қайд гирифта шудааст. Дар он замини корам 0,71, замини корами санглох 0,14, боғ 0,12, дигар заминҳо 0,47 гектар нишон дода шудааст. Ман то соли 2004-ум андози 1,44 гектарро месупоридам.

Соли 2004-ум 0,47 гектари онро, ки ҷойи алафдарав, чарогоҳи ҳайвонот ва ҷойи ҳезуми нонпазии ман буд, бехабар аз ман гирифта, барои ташкил намудани хоҷагии деҳқонии инфиродии «Нукаришаи Нуралӣ» ба Навкаршоев Сайдалӣ доданд. Ҳар сол 500 дарзаи алаф дарав мекардам, ҳезум ҷамъоварӣ намуда, молҳоямро то боридани барф мечарондам.

28 июли соли 2004 ба Кумитаи заминсозии ноҳия ариза навиштам. Ҷавоб омад, ки тақсимоти замин аз сари нав дида мешавад. Аз ҳамон вақт даводаву ҳақталошиам сар шуд. Баъд ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия (18 апрели соли 2005), ба суди ноҳия (15 марти соли 2007) ариза навиштам. Баъдан боз аз сари нав ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия ва дигар идораҳо навиштам. Инак, муддати ҳафт сол мешавад, ки ман ҷойи алафдарав, хордарав ва ҷойи чаронидани ҳайвонот надорам ва барои ҳалли ин масъала ба тамоми идораҳои ноҳия рафтам, вале...

Барои ҳалли қазия ҳоло ба унвони суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва раёсати Кумитаи заминсозии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон низ ариза навиштам. Акнун ҷавобро интизорам.

***Хуршед ЛАБЛАБОНОВ, истиқоматкунандаи деҳаи Роғи деҳоти Ванҷи ноҳияи Ванҷи ВМКБ***

***Аз идора:*** *Барои чӣ одамон зимни талаби ҳаққи хеш ва ҳимояи ҳуқуқҳояшон саргардон мешаванд? Вақте Х. Лаблабонов ба идораи мо омад, воқеан аз чеҳраи ин марди тахминан 50-55- сола ташвишу эҳсосоти хастагиву навмедӣ ҳувайдо буд. Вай бо алам қисса мекард, ки дар деҳаи кӯҳистоне, ки ӯ зиндагӣ мекунад, ҳар як ваҷаб замин арзишу қимати гарон дорад ва ӯ омӯзгор асту тайи чанд сол ҳамзамон бо меҳнати ҳалол дар ҳамон қитъаи ободкардааш ҷиҳати таъмини оилааш заҳмат мекашад. Аммо тайи ҳафт соли охир аз он маҳрум шуда, барои барқарор кардани қитъаи ободкардааш аз тамоми идораҳои дахлдори ноҳия мадад пурсидааст, вале кор ба фоидааш ҳал нагардидааст. Воқеан, чунин ашхос ба идора бисёр меоянд. Вақте бо онҳо ҳамсӯҳбат мешавед, аз масъулони кумитаҳои замин ва баъзе идораҳое, ки барои ҳалли масъалаҳои мардуми деҳот фаъолият мекунанд ва бояд адолатро дар он ҷойҳо барқарор намоянд, шикоят мекунанд, ки ҳангоми тақсими замин ва ё баҳсу ҷанҷолҳои оилавию ҳамсоягӣ ноадолатӣ мекунанд. Ҳамаи ин боис мегардад, ки мардум барои ҳалли ягон масъалаи ночиз солҳо сарсону саргардон мешаванд ва умеди охиринро ба рӯзномаҳо мебанданд, то ки арзашонро гӯш кунему бори дигар ба гӯши ҳақшунаве расонем.*

## Чаро мо бепарвоем?

Бо вуҷуди он ки мо-тоҷикон фарҳанги бой ва пурғановат дорем, мутаассифона, ба фарҳангҳои бегона зуд майл мекунем ва оқибатҳои онро намеандешем. Инро дидаву дониста, бисёр вақт ба мардуми мо рафтору анъанаҳои бегонаро бор мекунанд ва бо ин восита меҳоҳанд мо аз фарҳанги худ дур ва ахлоқамон коста шавад. Инак, тайи чанд сол боз дар ҷомеаи мо як гурӯҳ рӯзи ошиқонро қайд мекунанд. Ин рӯзро баъзе афроди бадахлоқ рӯзи бӯсу канор медонанд. Чунончӣ, ҳамон рӯз лаб-лаби дарёчаи Душанбе, боғҳои фароғатӣ, зери дарахтон пур аз «ошиқони пок» мешавад. Шарму ҳаё дар ин гуна ҷавонон қариб намондааст.

Баъзе афрод аз фурсат истифода бурда, ба хотири соҳиби маблағ шудан барои «Фароғати ҷавонон» бахшида ба ин «Рӯзи муқаддас» консертҳо ташкил мекунанд. Боре андешед, хонандагони азиз, ин рӯзро кӣ ҷашн мегирад ва он аз куҷо пайдо шудааст? Охир, ин гуна «идҳо» ҷавононро бадахлоқу беҳаё мегардонанд.

***Назруллои ОЛИМ, сокини шаҳри Душанбе***

***Аз идора:*** *Бо И.Муҳаммадсаид ва Н.Олим, ки дар як мавзӯъ нома навиштаанд, мо ҳамсӯҳбат шудем. Бо вуҷуди ҷавонӣ онҳо соҳиби одоби наку ва хираду андешаҳои солиму ибратомӯзанд. Аз рафти сӯҳбат бо эшон маълум гардид, ки онҳоро рафтору ахлоқи баъзе аз ҳамсолонашон ба ташвиш овардааст. Хуб мебуд, дигарон низ нисбат ба масъалаҳои ҳалталаби ҷомеае, ки мо дар он зиндагӣ мекунем, бетараф набошанд.*

## Мехоҳам бо дӯстони тоҷик ҳамкорӣ кунам

«Ман шаҳрванди Ҷумҳурии Исломии Эрон ҳастам. Дар варзиши маъюбон ҳашт сол қаҳрамони кишвар шудам. Алъон ба Тоҷикистон омадаам. Ин ҷо низ ҳамтақдирони ман будааст, ки дилгармона ба варзиш машғул ҳастанд. Бинобар ин, мехоҳам ҳамроҳи бародарони тоҷик тамрин намуда, дар мусобиқоти гуногун ширкат варзем ва шӯҳрати Тоҷикистонро баланд бардорем. Ман тавассути рӯзномаи шумо мехоҳам ба масъулони соҳа расонам, ки хоҳишмандам барои ин кор ба ман кӯмак расонанд.».

***Шермарди ШЕРҲУСАЙН, шаҳрванди Ҷумҳурии Исломии Эрон***

***Аз идора:*** *Ш.Шерҳусайн худаш бо аробачаи маъюбӣ ба идораи рӯзнома омад ва хостори он гардид, ки номаашро чоп кунем.*

## Табиби дилсӯзу ҳозиқ

28 январи соли 2012 тахминан соатҳои 5-6-и бегоҳӣ, хоҳарам Нуқра ба бемории сахти дарунӣ гирифтор шуда, аз сабаби бисёр рафтани хун аз ҳуш рафт. Дигар фурсати ёрии таъҷилиро даъват кардан набуд. Мо бо мошини кироя беморро ба Беморхонаи ёрии таъҷилии шаҳри Душанбе бурдем. Дар шӯъбаи ҷарроҳӣ номзади илми тиб, дотсент Расулов Маҳмадназир навбатдор буд. Ӯ зуд ба воситаи ултрасадо ташхис ва бемории ӯро муайян намуд. Дарҳол хоҳарамро ҷарроҳӣ карданд. Ба ростӣ, мо умедамонро канда будем. Барои он ки бемор 2,5 литр хунашро аз даст дода буд. Зуд ба ӯ хун ва маводҳои қувватдиҳанда низ гузарониданд. Баъди ду соат М. Расулов баромада, бо табъи болида ба мо хабари бомуваффақият гузаштани ҷарроҳиро дод. Хурсандии моро аз ин мужда поён набуд. Мо- аҳли оила орзу дорем, ки чунин табибони ҳозиқу масъулиятшинос дар ҷомеаамон бисёр бошанд.

Тавассути рӯзномаи «Садои мардум» миннатдории аҳли оилаамонро ба сардухтури Беморхонаи ёрии таъҷилии шаҳри Душанбе Мӯминов Бобоқул Ғаффорович, ҷарроҳи ҳозиқ Расулов Маҳмадназир ва кормандони шӯъбаи ҷарроҳӣ мерасонем.

***Тег бар тан мезанӣ баҳри шифо,***
***Пеши корат кош бикшояд Худо.***

***Холмаҳмад ЁҚУБОВ, сокини шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Саноат 26***

***Аз идора:*** *Сухани хуш, муносибати хуб ба ҳама маъқулу писанд аст. Бахусус агар табибон чунин хислатҳоро доро бошанд, чӣ қадар дилҳои дардмандонро ба даст меоранду дуояшонро мегиранд. Хушбахтона, чунин табибон зиёданд.*

**Масъули гӯша Б. КАРИМЗОДА**

## Ҳазор нафар хонандаи нахустин

Дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон (КМТ) нахустин ҳазор нафар хонанда ба қайд гирифта шуд. Барои донишандӯзон ва маърифатдӯстон дар ин кохи бузурги илму фарҳанг тамоми шароит муҳайё гардидааст.

-Бинои нави китобхона барои нигоҳдории 10 миллион нусха китоб пешбинӣ шудааст. Имрӯз фонди умумии Китобхонаи миллии Тоҷикистонро 6179338 нусха маводи чопию электронӣ ташкил медиҳад. Барои хонандагон 25 толори хониш мавҷуд аст, ки дорои 1458 ҷойи нишаст мебошад. Инчунин 215 ҷойи нишаст барои дамгирӣ ва 558 ҷойи таомхӯрӣ дар ошхонаҳои Китобхонаи миллии Тоҷикистон муҳайё шудааст.

Китобхона дорои 3 намоишгоҳи китоб: -осорхонаи китоб барои ба намоиш гузоштани дастхатҳои қадима ва китобҳои нодир, галереяи китоб барои созмондиҳӣ ва баргузории намоишгоҳҳои китоб доир ба соҳаҳои гуногуни дониш, намоишгоҳи китобҳои тозанашр мебошад. Имрӯз дар ин се намоишгоҳ беш аз 2500 китоб ба намоиш гузошта шудааст,- гуфт муовини директори китобхона Шариф Комилзода.

***К. БУРҲОНИДДИН, «Садои мардум»***

## Муроҷиати раёсати Иттифоқи журналистон ба аъзои ташкилот

Афзудани ҳодисаҳои сӯистифода аз шаҳодатномаи узвияти Иттифоқи журналистони Тоҷикистон (ИЖТ) вақтҳои охир боиси ташвиш ва изтироби ҷиддии раёсати Иттифоқи журналистони Тоҷикистон гардидааст. Баъзе аъзои ИЖТ шаҳодатномаи узвияти ташкилотро, сарфи назар аз фаъолияти журналистӣ, барои ҳадафҳои шахсӣ истифода мебаранд, ки ин амал хилофи одобу низомномаи ИЖТ мебошад. Шаҳодатномаи узвият санадест, ки мансубияти рӯзноманигорро ба ИЖТ тасдиқ карда, дар доираи ҳуқуқ ва вазифаҳои дар оинномаи ташкилот зикршуда, ба ӯ салоҳияти касбӣ медиҳад. Ҳамзамон таъкиди ин нукта низ зарур аст, ки ҳама гуна амалҳои вобаста ба рисолати рӯзноманигорӣ, аз ҷумла омода кардани матолибу гузаронидани тадқиқоти журналистӣ, бо супориши идораи воситаҳои ахбори омма ва пешниҳоди шаҳодатномаи ҳамин воситаҳои ахбори омма сурат мегиранд.

Раёсати Иттифоқи журналистони Тоҷикистон аз ҳама аъзои ташкилот тақозо дорад, ки талаботу муқаррароти оинномаи ИЖТ-ро қотеъона риоя намуда, шаҳодатномаи узвиятро бидуни зарурати касбӣ истифода набаранд. Онҳое, ки шаҳодатномаи узвиятро василаи ноилшавӣ ба нияту ғаразҳои шахсӣ пиндошта, бо амалҳои ношоистаашон номи пуршарафи узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистонро доғдор менамоянд, аз ҳуқуқ ба ҳимояи ташкилот маҳрум гардида, тибқи оинномаи Иттифоқи журналистони Тоҷикистон барои содир намудани амалҳои мухолиф ба мақсаду вазифаҳои Иттифоқи журналистони Тоҷикистон аз узвият хориҷ карда мешаванд.

Дар баробари ин, ҳама аъзои Иттифоқи журналистони Тоҷикистонро зарур аст, ки бо мақсади дақиқ намудани шуғли асосӣ ва мутобиқатии касбӣ то 1 июли соли ҷорӣ дар бораи ҷойи кори асосии худ ба раёсати Иттифоқи журналистони Тоҷикистон маълумотнома пешниҳод карда, ҳаққи аъзогиро пурра пардохт намоянд. Дар сурати риоя нагардидани талаботи мазкур Раёсати ИЖТ дар хусуси аз сафи ташкилот хориҷ намудани онҳо масъала мегузорад.

***А. САТТОРОВ, раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон***

## Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

### Музоядаи №9-ро оид ба фурӯши иншооти ғайриманқул 7 майи соли 2012 баргузор менамояд

| т/р | Номгӯйи иншоот | Суроға | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Бинои истеҳсолии сехи сангбурии Корхонаи воҳиди «Экспедитсияи иктишофии геологии Моғиён» | ш.Панҷакент, маҳаллаи Б.Холмуродов | 100 000 |
| 2 | Бино ва иншооти мошинсаройи ҶСК «Истаравшангаз» | ш.Истаравшан, кӯчаи Куришев 45 | 646 414 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда – **ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-73-74, 221-16-14 ва ш.Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 4-52-91, 927-56-64-81.**

Фурӯш бо усули ***англисӣ*** сурат мегирад.

Музояда **соати $10^{00}$** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин: **ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74 , ш.Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 4-52-91, 927-56-64-81** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI. TJ** гирифтан мумкин аст.

## Государственное унитарное предприятие по организации продаж государственного имущества Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан

### 7 мая 2012 года проводит аукцион №9 по продаже недвижимости

| п/н | Наименование объекта | Адрес | Стартовая стоимость (в сомони) |
|---|---|---|---|
| 1 | Производственный цех по резке камня УП «Экспедитсияи иктишофии геологии Моғиён» | г.Пенджикент, махалла им. Б.Холмуродова | 100 000 |
| 2 | Здание и сооружения автогаража ОАО «Истаравшангаз» | г.Истаравшан, ул. Курышева 45 | 646 414 |

Прием заявок на участия в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44.**

Метод проведения: **английский**. Время проведения: **$10^{00}$ часов.**

Место проведение: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44, тел: 221-73-74, 221-16-14 и г.Худжанд, ул.Ленина 47/1, тел: 4-52-91, 927-56-64-81.**

Гарантийный взнос равен 350 показателям для расчетов за один лот и вносится наличными в кассу Предприятия или безналичными на расчетный счет ГУП. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5% и государственную пошлину в размере 0,5% от цены продажи, который не включается в цену продажи лота. Победителем аукциона признаётся участник, предложивший наиболее высокую цену.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74, г.Худжанд, ул.Ленина 47/1, тел: 4-52-91, 927-56-64-81**, а также на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан. **WWW.GKI. TJ**




### Мавсими кирмакпарварӣ фаро мерасад

**ДУШАНБЕ. (Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»)** Соли ҷорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсоли пилла 1860 тонна пешбинӣ шудааст. Тавре аз котиботи Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ доданд, бо мақсади таъмин намудани хоҷагиҳои кирмакпарварӣ бо тухми кирмаки хушсифат сармоягузорон - ҶДММ «Дӯстии Афғонистон» 17000 қуттӣ ва ҶДММ «Дук» 5000 қуттӣ аз хориҷи кишвар тухми кирмак ворид карданд. Дар корхонаҳои тухми кирмаки ҷумҳурӣ ба миқдори 6100 қуттӣ тухми кирмак тайёр карда шудааст, ки барои аз касалии пебрина эмин будан аз комиссияи назорати давлатӣ гузаштааст. Айни замон сармоягузорон кирмакпарваронро пеш аз тақсимоти тухми кирмак бо коғаз, ҳароратсанҷ, намисанҷ, шолча ва маблағ таъмин карда истодаанд. Ҷиҳати афзун намудани базаи хӯрокаи кирмак дар хоҷагиҳои кирмакпарварии ҷумҳурӣ 200 ҳазор бех ниҳоли тут шинонда, 12 гектар тутзори нав бунёд карда шуд. То имрӯз 400 гармхона (инкубатория) тайёр карда шудааст.

### Рӯзи қабули шаҳрвандон доир гардид

**ҚУБОДИЁН. (Д. СУЛТОНОВ, «Садои мардум»)** Барои раиси вилояти Хатлон Ғайбулло Авзал қабули бевоситаи шаҳрвандон дар шаҳру ноҳияҳо ба ҳукми анъана даромадааст. Ин дафъа вай шаҳрвандонро дар бинои Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Қубодиён қабул намуда, ба арзу шикоят ва таклифу пешниҳодоташон гӯш дод. Матлаби бошандагони ноҳия бештар масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, мушкилоти тақсими замин, беҳбуди вазъи зиндагиро дар бар мегирифт. Зимни мулоқот аз он нигаронӣ карда шуд, ки аз ҷониби Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия барои бунёди корхонаҳои нав, ки дар онҳо бояд ҷавонон соҳиби ҷойи кор бошанду ба амалҳои нодуруст даст назананд, чорае андешида намешавад. - Боиси таассуф аст, ки давоми бист соли истиқлолият дар ҳудуди ноҳия ягон корхонаи саноатӣ ( ба ғайр аз коргоҳи коркарди ширинбия ) бунёд наёфтааст, - зикр намуд раиси вилоят. Роҳбари вилоят ниёзмандонро то ба охир гӯш карда, барои ҳалли матлабу пешниҳодоташон ба масъулин супоришҳои мушаххас дод.

### Соҳибкорон бунёд мекунанд

**НОРАК. (Ҳ. МИРЗОЕВ)** Дар маҳаллаи «Деҳи Сабур»- и шаҳри Норак дар ҳамбастагӣ бо Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр бо маблағи соҳибкори ватанӣ Неъматҷон Файзуллоев бинои нави ҳаммом ва толори варзишӣ сохта, ба истифода дода шуд. Раиси шаҳри Норак Ҳамид Абдуллоев дар маросими ифтитоҳи бинои нав иштирок дошт. Ӯ баъди буридани лентаи рамзӣ соҳибкори ватаниро бо ин иқдоми некаш табрик намуд.

Дар деҳаи Туғмазор низ сохтмони ҳаммом дар арафаи анҷомёбист. Инчунин дар маҳаллаи Электрон бо маблағи соҳибкор Сӯҳроб Назаров толори нави варзишӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

### Пешниҳоди ҷойҳои нави корӣ

**ҶАЛОЛИДДИНИ РУМӢ. (Д. СУЛТОНОВ, «Садои мардум»)** Бо ташаббуси соҳибкорони маҳаллӣ ва дастгирии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ ду корхонаи нави истеҳсолӣ ба фаъолият оғоз намуд. Яке аз онҳо корхонаи ордбарорӣ буда, дар як шабонарӯз метавонад то 80 тонна маҳсулоти хушсифат истеҳсол ва танҳо дар як бахш беш аз 35 нафар ҷавонони маҳаллиро бо ҷойи кор таъмин намояд. Корхонаи дуюм, ки дӯзандагӣ аст, асосан барои занону духтарони деҳот пешбинӣ шудааст.

Коргоҳҳои нав ҷавобан ба даъвати Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо иқдоми соҳибкорон Раҳматулло Раҳматов ва Нарзулло Назаров бунёд гардидаанд. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия барои бунёди корхонаҳои нави истеҳсолӣ ва ба ин васила таъмин намудани шаҳрвандон бо ҷойи корӣ барномаи махсусеро роҳандозӣ кардааст.

### Нахустин мактаби ронандагӣ таъсис ёфт

**ҒОНЧӢ. (Ҳ. НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** Дар деҳаи Хӯҷаҳои деҳоти Калининободи ноҳияи Ғончӣ нахустин мактаби ҷамъиятии ронандагӣ аз ҷониби ҶДММ «Бобо Ёдгорхӯҷа» арзи вуҷуд кард ва дар он 60 нафар ҷавонон аз рӯйи дараҷаҳои «В» ва «С» касб меомӯзанд. Дар таълимгоҳ се устохона ва як синфхона муҷаҳҳаз гардонида шуда, ду мошини сабукрав ва ду адад боркаш дар хидмати касбомӯзон қарор дорад. Ташаббускори ин мактаб Зокирхӯҷа Аҳмадов мегӯяд, ки бо дастгирии ҳокимияти маҳаллӣ ин мактаб арзи вуҷуд кард ва ҳоло 13 нафар дар ин ҷо бо ҷойи кори доимӣ таъмин шудаанд.

### Машварати кишоварзони минтақа

**ВОСЕЪ. (Т. ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»)** Тайи ду рӯз дар маркази ноҳияи Восеъ бо иштироки роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ, мутахассисони соҳаи кишоварзӣ ва муовинони аввали раисони шаҳру навоҳии минтақа семинари омӯзишӣ баргузор гардид. Коромӯзон ба иштирокдорони ҷамъомад роҳҳои гузаштан ба тарзи муосири хоҷагидорӣ, истифодаи самараноки қарзҳои аз бонкҳо гирифташуда ва дар асоси қоидаҳои агротехникӣ оқилона истифода намудани заминро омӯхта, усулҳои аз мушкилоти молӣ ворастанро нишон доданд.

### Варзишгарони 20 кишвари дунё ба Душанбе меоянд

**ДУШАНБЕ. (Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»)** 21 апрел Рӯзи пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил карда мешавад. Ба ин муносибат соли ҷорӣ, бори нахуст дар Тоҷикистон, аз 27-ум то 29-уми апрел дар Маҷмааи варзишии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сарпарастии Раиси шаҳри Душанбе Чемпионати 6-уми Осиё оид ба таэквон-до (ИТФ) баргузор мегардад.

Тавре аз дафтари матбуотии раиси шаҳри Душанбе хабар доданд, дар чемпионат 300 нафар варзишгарон аз дастаҳои беҳтарини 20 кишвари Осиё, аз қабили Аморати Муттаҳидаи Араб, Афғонистон, Озарбойҷон, Россия, Хитой, Эрон, Муғулистон, Ҳиндустон, Непал, Ҷопон, Индонезия, Кореяи Шимолӣ ва Ҷанубӣ, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон иштирок мекунанд.

### Барномаи идона омода мешавад

**ИСТАРАВШАН. (Ҳ. НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** Дар доираи таҷлили ҷашни 15- солагии Ваҳдати миллӣ нақби Шаҳристон ба истифода дода мешавад. Ба ин муносибат ҷиҳати баргузории чорабинии ифтитоҳии нақб дар варзишгоҳи шаҳри Истаравшан таъмиру таҷдиди он босуръат идома дорад. Бино ба гуфтаи сардори Раёсати фарҳанги шаҳр Абдуқаҳҳор Ҷӯраев, аз ҷониби Раёсати фарҳанги вилояти Суғд барномаи идона тарҳрезӣ шудааст, ки дар он асосан санъаткорони вилояту шаҳр баромад хоҳанд кард.

### Чаҳор нафар наҷот ёфтанд

**НОСИРИ ХУСРАВ. (Д. СУЛТОНОВ, «Садои мардум»)** Бо саъю талош ва заҳмату кордонии табибон чор нафар аъзои як оила аз бемории шадид, ки дар натиҷаи заҳролудшавӣ ба амал омада буд раҳо шуда, ҷон ба саломат бурданд. Табибону мутахассисон муайян намуданд, ки бемории онҳо дар натиҷаи истеъмоли бодиринги консервагии заҳролудшуда ба вуқӯъ пайвастааст.

Ҳодисаи батулизм ё заҳролудшавии бадан дар натиҷаи истеъмоли хӯрок ё консерваи вайроншудаи хонагӣ, консерваҳои мӯҳлаташон кайҳогузашта, дӯкону нуқтаҳои фурӯш дар вилоят як масъалаи доғи рӯз ҳисоб меёбад.

***Масъули гӯша Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум». Бо мо дар тамос бошед. Телефон: 238-58-91***

БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

# БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН!

## Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақомоти Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| № ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 996/1-455 | Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Қисмҳои эҳтиётӣ | номгӯй | 77 | 23.04.2012 соати $9^{00}$ |
| 997/1-456 | Муассисаи давлатии «Телевизиони кӯдакону наврасон - Баҳористон» | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Таҷҳизот,техника ва инвентар | номгӯй | 23 | 04.05.2012 соати $9^{00}$ |
| 998/1-457 | Муассисаи давлатии «Телевизиони кӯдакону наврасон - Баҳористон» | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Бензини АИ-92 | сомонӣ | 19336 | 23.04.2012 соати $9^{30}$ |
| 999/1-458 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгӯй | 40 | 04.05.2012 соати $9^{30}$ |
| 1000/1-459 | Раёсати сохтмон, ҷобаҷокунии қӯшунҳо ва истифодабарии биноҳои Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Масолеҳи сохтмонӣ | номгӯй | 12 | 23.04.2012 соати $10^{00}$ |
| 1001/1-460 | Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгӯй | 10 | 23.04.2012 соати $10^{30}$ |
| 1002/1-461 | Хадамоти назорати давлатии фаъолияти тиббӣ | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Компютер, ноутбук «Dell,15»<br>Сейф кортатек | адад<br>адад | 5<br>2 | 23.04.2012 соати $11^{00}$ |
| 1003/1-462 | Раёсати таъминоти моддӣ-техникӣ ва низомии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои конселярӣ | номгӯй | 25 | 23.04.2012 соати $11^{30}$ |
| 1004/1-463 | Донишкадаи молияи Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгӯй | 6 | 04.05.2012 соати $10^{00}$ |
| 1005/1-464 | Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Компютер | адад | 20 | 23.04.2012 соати $14^{30}$ |
| 1006/1-465 | Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Масолеҳи сохтмонӣ | номгӯй | 4 | 23.04.2012 соати $15^{00}$ |
| 1023/1-466 | Муассисаи давлатии «Телевизиони кӯдакону наврасон -Баҳористон» | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои хоҷагидорӣ ва инвентар | номгӯй | 5 | 23.04.2012 соати $15^{30}$ |
| 1008/2-333 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Намаки техникӣ<br>Қуми шустагӣ | тонна<br>$м^3$ | 1130<br>2500 | 04.05.2012 соати $9^{00}$ |
| 1009/2-334 | Муассисаи давлатии истифодабарии роҳҳои ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Автомашинаи сабукрави тамғаи ВАЗ 2107 (солҳои 2007-2008) | адад | 1 | 23.04.2012 соати $9^{00}$ |
| 1010/2-335 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Битуми роҳ | кг | 6000 | 23.04.2012 соати $9^{30}$ |
| 1011/2-336 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Калӯш | дона | 500 | 23.04.2012 соати $10^{00}$ |
| 1012/2-337 | Шӯъбаи маорифи ноҳияи И.Сомонии шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Катҳои дуқабата 140 x 0,70<br>Ҷевони китобдор 1,80 x 0,90 | дона<br>дона | 40<br>20 | 23.04.2012 соати $10^{30}$ |
| 1013/2-338 | Маркази саломатии шаҳрии №3, ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Автоклав В16 | адад | 1 | 23.04.2012 соати $11^{00}$ |
| 1014/2-339 | Шӯъбаи маорифи ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи хӯрока | номгӯй | 18 | 04.05.2012 соати $9^{30}$ |
| 1015/3-184 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №15, ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири ҷории мактаб | тибқи санади нуқсонӣ | | 23.04.2012 соати $9^{00}$ |
| 1016/3-185 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №21, ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири ҷории мактаб | тибқи санади нуқсонӣ | | 04.05.2012 соати $9^{00}$ |
| 1017/3-186 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №63, ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири ҷории мактаб | тибқи санади нуқсонӣ | | 04.05.2012 соати $9^{30}$ |
| 1018/3-187 | Маркази саломатии шаҳрии №1, ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири ҷории Маркази саломатии №1 | тибқи санади нуқсонӣ | | 23.04.2012 соати $9^{30}$ |
| 1019/3-188 | Муассисаи давлатии «Раёсати ободонӣ ва кабудизоркунии ноҳияи Варзоб» | Х.Исмоилов 227-04-75 | Панҷарагирии гармхонаи муассиса | тибқи санади нуқсонӣ | | 23.04.2012 соати $10^{00}$ |
| 1020/3-189 | Коллеҷи фарҳанги ба номи П.Ҷ.Бӯйдоқов | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири бинои Коллеҷи фарҳангӣ | тибқи санади нуқсонӣ | | 23.04.2012 соати $10^{30}$ |
| 1021/3-190 | Мактаби таҳсилоти ибтидоии №84, ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири тирезаҳо | тибқи санади нуқсонӣ | | 23.04.2012 соати $11^{00}$ |
| 1022/3-191 | Мактаб- интернати ҷумҳуриявии кӯдакони шунавоиашон суст ва деркаршудаи н.Рӯдакӣ | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири мактаб -интернат | тибқи санади нуқсонӣ | | 04.05.2012 соати $10^{00}$ |
| 1025/3-192 | Маркази ҷумҳуриявии барқароркунии саломатии кӯдакон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Сохтмони ҳавзи шиноварӣ, ҳоҷатхона ва таъмири ҷории дохили бино | тибқи санади нуқсонӣ | | 23.04.2012 соати $11^{30}$ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.

2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда, пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак тибқи тартиби муқарраргардида кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

### ТАСҲЕҲ

Дар даъватномаи иштироки озмун таҳти 964/1-438, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» (№42 (2868) аз 10 апрели соли 2012) нашр шудааст, ба ҷойи молҳои конселярӣ, номгӯй 93, молҳои конселярӣ ва хоҷагӣ, номгӯй 163 хонда шавад.

## ЭЪЛОН

### дар бораи қабули довталабон барои таҳсил ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Федератсияи Россия дар соли таҳсили 2012-2013

**Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Федератсияи Россия қабули довталабонро барои таҳсил дар зинаҳои бакалавриат, мутахассис, магистратура ва аспирантура эълон менамояд.**

Ба имтиҳони қабул шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ ва миёнаи касбӣ мебошанд ва бо баҳои хубу аъло таҳсил намудаанд, забони русиро хуб медонанд, роҳ дода мешаванд. Инчунин аз рӯйи ихтисосҳои замимагардида, донишҷӯёни курсҳои якуми муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ низ дар озмун иштирок карда метавонанд.

Довталабон бояд ҳуҷҷатҳои зеринро дар ду нусха ба забони русӣ ба комиссияи қабул пешниҳод намоянд:

а) анкета (дар комиссияи қабул пур карда мешавад);

б) нусхаи аттестат, диплом ва нусхаи табели баҳоҳои ҷамъбастӣ ё маълумотнома дар бораи хатми синфи 11 бо натиҷаи баҳои ҷамъбастӣ барои нимсолаи аввали соли хониши равон (бо забони русӣ);

в) гувоҳномаи тиббӣ ( справка ) оид ба гирифтор набудан ба бемории СПИД;

г) гувоҳномаи тиббии намуди 086;

ғ) нусхаи шиносномаи шаҳрвандӣ;

д) нусхаи шаҳодатномаи таваллуд;

е) 4 дона расми 3х4.

Нусхаи ҳуҷҷати дар банди «б» зикргардида бояд ба таври нотариалӣ тасдиқ шуда бошад.

Довталабон барои таҳсил дар аспирантура бояд инчунин рӯйхати мақолаҳои чопшуда (агар бошад) ва реферат дар ҳаҷми на камтар аз 15 саҳифа дар мавзӯи минбаъд мавриди тадқиқот қароргиранда пешниҳод намоянд. Дертар, тибқи талаботи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Федератсияи Россия, номзад дар он муассисаи таълимӣ имтиҳони қабул супорида, ҳуҷҷатҳояшро барои тасдиқ пешниҳод менамояд.

Барои довталабоне, ки ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Федератсияи Россия қабул мегарданд, таҳсил бепул буда, дар ҳаҷми барои шаҳрвандони Федератсияи Россия муқарраргардида стипендия дода мешавад. Масрафи роҳ то ҷойи таҳсил ва бозгашт ба ӯҳдаи худи донишҷӯён мебошад. Донишҷӯён бо хобгоҳ таъмин карда мешаванд, ки маблағи он ба андозаи шаҳрвандони Федератсияи Россия муқаррар шудааст. Хизматрасонии тиббиро дар асоси суғуртаи тиббӣ донишҷӯй, магистр ва аспирант дар ҳаҷми 250 (дусаду панҷоҳ) доллари амрикоӣ аз ҳисоби маблағҳои шахсии худ пардохт намуда, ӯҳдадор аст, ки дар давоми соли хониш онро супорад.

Ҳуҷҷатҳо дар Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ» (шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода 47, тел: 221-11-75 ) аз 20-уми апрел то 20- уми майи соли 2012, аз соати $9^{00}$ то $17^{00}$ қабул карда мешаванд.

Имтиҳони қабул дар риштаи бакалавр ва мутахассис рӯзи 21 майи соли 2012- диктант аз забони русӣ ва 24 майи соли 2012 имтиҳони тестӣ аз рӯйи ихтисос (оғоз аз соати $9^{00}$) дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ доир мегардад.

Имтиҳони қабул дар риштаи магистратура ва аспирантура аз 1 то 10 июли соли 2012 дар Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ» (шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода 47, тел: 221-11-75 ) баргузор мегардад.

Бо номгӯйи ихтисосҳо довталабон метавонанд дар комиссияи қабули ҳуҷҷатҳо шинос шаванд.

***Комиссияи қабул***

## ЭЪЛОН

### дар бораи қабули довталабон барои таҳсил ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Украина дар соли таҳсили 2012-2013

**Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Украина қабули довталабонро барои таҳсил дар зинаи бакалавр эълон менамояд.**

Ба имтиҳони қабул шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ ва миёнаи касбӣ мебошанд ва бо баҳои хубу аъло таҳсил намуда, забони русиро хуб медонанд, роҳ дода мешаванд. Инчунин аз рӯйи ихтисосҳои номбурда донишҷӯёни курсҳои якуми муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ низ дар озмун иштирок карда метавонанд.

Довталабон бояд ҳуҷҷатҳои зеринро дар ду нусха ба забони русӣ ба комиссияи қабул пешниҳод намоянд:

а) анкета (дар комиссияи қабул пур карда мешавад);

б) нусхаи аттестат, диплом ва нусхаи табели баҳоҳои ҷамъбастӣ ё маълумотнома дар бораи хатми синфи 11 бо натиҷаи баҳоҳои ҷамъбастӣ барои нимсолаи аввали соли хониши равон (бо забони русӣ);

в) гувоҳномаи тиббӣ ( справка ) оид ба гирифтор набудан ба бемории СПИД;

г) гувоҳномаи тиббии намуди 086;

ғ) нусхаи шиносномаи шаҳрвандӣ;

д) нусхаи шаҳодатномаи таваллуд;

е) 4 дона расми 3х4.

Нусхаи ҳуҷҷати дар банди «б», «в», «д» зикргардида бояд ба таври нотариалӣ тасдиқ шуда бошад.

Барои довталабоне, ки ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Украина қабул мегарданд, таҳсил бепул буда, дар ҳаҷми барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Украина муқарраргардида стипендия дода мешавад. Масрафи роҳ то ҷойи таҳсил ва бозгашт ба ӯҳдаи худи донишҷӯён мебошад. Донишҷӯён бо хобгоҳ таъмин карда мешаванд, ки маблағи он ба андозаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Украина муқаррар карда шудааст. Хизматрасонии тиббӣ дар асоси суғуртаи тиббӣ, ки донишҷӯй, аспирант дар ҳаҷми 250 (дусаду панҷоҳ) доллари амрикоӣ бояд аз ҳисоби маблағҳои шахсиаш пардохт намояд, дар давоми соли таҳсил пешниҳод мегардад.

Ҳуҷҷатҳо дар Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ» (ш.Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода 47, тел: 221-11-75) аз 16-уми апрел то 7- уми майи соли 2012, аз соати $9^{00}$ то $17^{00}$ қабул карда мешаванд.

Имтиҳони қабул барои довталабон - диктант аз забони русӣ рӯзи 8 майи соли 2012 ва имтиҳони тестӣ аз рӯйи ихтисос 10 майи соли 2012 (оғоз аз соати $9^{00}$) дар бинои асосии Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ» доир мегардад.

Бо номгӯйи ихтисосҳо довталабон метавонанд дар комиссияи қабули ҳуҷҷатҳо шинос шаванд.

***Комиссияи қабул***

АГРОИНВЕСТБОНК

SMS–МАЪЛУМОТДИҲИ ОИДИ АМАЛИЁТҲОИ КОРТҲОИ ПЛАСТИКӢ

Хизматрасонии «SMS-маълумотдиҳи» имконият медиҳад, ки таҳлили амалиётҳои бо ҳисоби корти пластикӣ гузаронидаро назорат баред. Маълумот тариқи SMS-хабар ба телефонҳои мобилии дорандагони корти пластикӣ ирсол карда мешавад.

Барои пайваст шудан ба хизматрасонии SMS-маълумотдиҳи мизоҷ бояд, ки муштарии яке аз операторони мобилии Тоҷикистон буда, ба бонк ариза пешниҳод намояд.

Маълумотҳо оиди ҳар як транзаксия бо ҳисоби корти пластикӣ; | Маълумот оид ба итмом расидани мӯҳлати амали корти пластикӣ; | Маълумот оиди бақияи ҳисоб




www.agroinvestbank.tj +992 (44) 600-68-68

### Эътибор надорад

Сертификати истифодаи замини дараҷаи А № 0295629-и гумшуда, ки онро Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 сентябри соли 2011 таҳти қайди 1711 ба Ватанов Мансур додааст, эътибор надорад.

***

Шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ таҳти реестри 9Д- 4217-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Шоҳмансур ба Рахимова Моимжон, воқеъ дар кӯчаи Айнӣ, бинои 50/51, ҳуҷраи 36 – и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 10 ноябри соли 1993 додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0027914, дорои РЯМ 0930007412- и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 15 январи соли 2010 ба Сафаров Садридин Саидович додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0070105-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Балҷувон 4 майи соли 2010 ба Қурбонов Фазлиддин Файзиддинович додааст, эътибор надорад.

***

Билети донишҷӯйии №ДО - 7242 - и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур соли 2007 ба Ибронов Фахриддин Шарипович додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи хатми синфи нӯҳум таҳти № 046653-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 3 ба номи В.И. Ленин соли 1992 ба Саидова Нуқра Ҷумаевна додааст, эътибор надорад.

***

Шартномаи хариду фурӯш таҳти феҳристи №1Ш-745-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе бо суроғаи кӯчаи Деҳотӣ, бинои 21/14, ҳуҷраи 26-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 21 апрели соли 2011 ба Ғоибов Шарофиддин Исмонқулович додааст, эътибор надорад.

***

Шиносномаи техникӣ таҳти варақаи бақайдгирии № 25965-и гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе бо суроғаи кӯчаи Деҳотӣ, бинои 21/14, ҳуҷраи 26-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 7 сентябри соли 2009 ба Ғоибов Шарофиддин Исмонқулович додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи № 236027-и гумшуда, ки онро литсейи №55-и ноҳияи Шоҳмансур соли 1997 ба Ҳазратқулова Дилафрӯз Муродқуловна додааст, эътибор надорад.

***

Шиносномаи техникии гумшуда таҳти №3572, ки онро КДФБТ-и ноҳияи Бохтари вилояти Хатлон бо суроғаи ноҳияи Бохтар, шаҳраки Бӯстон-Қалъа, деҳаи Сабзавот 29 апрели соли 2003 ба Ширкати масъулияташ маҳдуди «Нур» додааст, эътибор надорад.

***

Билети донишҷӯйии силсилаи Г №08353-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2008 ба Шодизода Расулҷон додааст, эътибор надорад.

***

Билети донишҷӯйии № 2110/06 гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шотемур соли 2006, ба Ҳаитов Иброҳим Нурматович додааст, эътибор надорад.

### БАРҲАМ МЕХӮРАД

Шахрванд Абдухалили Нусратуллозода, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0020152 бо РЯМ 0930006266 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 8 сентябри соли 2008 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

Садои МАРДУМ

САРМУҲАРРИР Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неккадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 13 апрели соли 2012, соати 17.00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 26794 нусха

Навбатдори шумора Н. Солеҳов

Тарроҳони компютерӣ И. Самохин ва Н. Исмоилова